## ДАРСҲОИ 55–56

# ЧАРО МӮЙСАФЕД ГИРИСТ?

Боре аз шаҳр ба хона бармегаштам. Ба автобуси мусофиркаши Душанбе – Алмосӣ савор шудаму дар истгоҳи охирин фаромадам. Дар сояи чинори сари роҳ ҳамроҳи як гурӯҳ одамон мунтазири автобуси дигар нишастам.

Ногоҳ як мошин пур аз ангишт омада дуртар аз мо дар назди ҳавлие истод. Ронанда соҳиби ҳавлиро чеғ зад. Пас аз фурсате аз дари ҳавлӣ як мӯйсафед лангон-лангон баромад. Вай бо як даст дасти дигарашро, ки аз афташ гирифтори касалии фалаҷ буду ларзида меистод, маҳкам медошт. Ронанда баъди воҳӯрӣ, ангиштро дар ҷои нишондодаи ӯ рехта, гашта рафт.

Мӯйсафед як ба сӯи мо нигоҳе карду ба ҳавлияш даромад. Баъди чанде тағйири либос карда, дар як дасташ сатил ларзон-ларзон берун баромад.

– Бечора мӯйсафед... – ба гап даромад яке аз мусофирон, – фарзанд надорад. Тақдири шумро бинед, ки ҳамсараш ҳам ду сол пеш аз дунё гузашт. Илова бар ин мӯйсафед бемор аст. Як дасту пояш ӯро азоб медиҳад.

Мӯйсафед бо як дасташ ангиштро ба сатил андохта, лангон-лангон ду сатил даровараду дид, ки барои даровардани ҳамаи он қувваташ намерасад, ба назди як гурӯҳ бачагон, ки аз мо поёнтар машғули бозӣ буданд, омад. Ман аввал суханони мӯйсафедро нашунидам...

Овози бачае ба гӯшам расид, ки мегуфт:

– Бобо, мо дар хонаи худамон кор намекунему кори шуморо кунем?

Бачаҳои дигар мӯйсафедро масхаракунон баланд-баланд механдиданд.

– Бобо, зӯратон нарасад, мардикор киро кунед, – гуфт бачаи дигаре.

Мӯйсафед зуд аз кисааш як панҷоҳсӯмаро бароварда:

– Ана, писаронам, ҳаққи меҳнататонро гиред, – гуфт.

– Бобо, ба пулатон чой харида хӯред, мо мардикор не. Монед, моро гаранг накунед, – гуфт яке аз бачаҳо.

Ман дидам, пирмард аз рафтори бачаҳо хеле озурда шуд ва чашмонаш пур аз ашк шуданд. Дигар тоқат карда натавониста ба назди мӯйсафед омадам.

– Бобоҷон, парво накунед, ҳоло барвақт, то омадани автобуси охирин ман ангиштатонро медарорам, гуфта белу сатилро аз дасташ гирифтам. Нав ду сатил ангишт даровардa будам, ки ҳамаи одамони дар сояи чинор нишаста ба ёрдам омаданд.

Баъди ним соат корро тамом кардем. Пирамард аз шодӣ ба куртааш намеғунҷид.

### Савол ва супориш:

**1.** Мӯйсафед чӣ аҳвол доштааст?
**2.** Ӯ ба чӣ мақсад назди бачагон рафт?
**3.** Мӯйсафед аз бачаҳо чӣ хоҳиш намуд?
**4.** Чаро бачагон марди пирро масхара мекарданд?
**5.** Оё рафтори онҳо хуб буд?
**6.** Чаро мусофирбача ба мӯйсафед ёрӣ дод?
**7.** Одамони дигар чӣ гуна рафтор карданд?
**8.** Мӯйсафед аз чӣ хурсанд шуд?
**9.** Матнро хонда хулоса бароред ва маънии калимаи, «одамгарӣ»-ро чуқур таҳлил кунед.

**Машқи 1.** Матнро хонед ва исмҳои ҷамъро номбар созед, баъд нависед.

**Машқи 2.** Исмҳои муқобилмаъноро аввал хонед, баъд бо онҳо ҷумла созед: Шаб – рӯз, ғам – андӯҳ, аввал – охир, каҷ – рост, ҷавон – пир.

**Супориш:** Ҷумлаҳои сохтаатонро нависед.

**Намуна:** Шаб ҳаво абр буд, вале рӯз офтобӣ шуд.

**Машқи 3.** Матнро хонед ва мазмуни онро дар хотир нигоҳ доред.

**Супориш:** Агар ба ҳамон мӯйсафед монанд дар ҳамсоягии шумо шахсе бошад, ба ӯ ёрӣ расонед. Зеро шумо ҳам агар ба пирӣ расед, ёрдами дигарон зарур шуда мемонад. Яъне шумо натиҷаи некиатонро ҳамон вақт ба даст меоред.

**Машқи 4.** Ду сархати охири матнро нависед ва мазмунашро дар хотир гиред.

**Супориш:** Шарҳ диҳед: Пирамард аз шодӣ ба куртааш намеғунҷид.

## ДАРСҲОИ 57–58

Дар ҳар давру замон падару модарро шахсони аз ҳама бузург меҳисобанд, зеро падару модар сабабгори ба ин дунёи зебою рангин омадани фарзандонанд.

Бачаҳои азиз! Акнун бо матни зер шинос шавед ва пай мебаред, ки ҳатто Худои Замину Осмон ҳам иззату ҳурмат кардани падару модарро таъкид кардааст. Ҳар касе, ки ин ду шахси азизу мӯътабарро ҳурмат мекунад, Худованд ӯро дӯст медорад.

### НЕКӮӢ КАРДАН ДАР ҲАҚИ ПАДАРУ МОДАР

I

«Ҳақтаъоло: – Маро парастед, то аз азоби ман наҷот ёбед. Дар ҳақи модар ва падар некӯӣ кунед, то ба биҳишт расед ва оқи падару модар ба биҳишт наравад. Зеро Ҳақтаъоло мефармояд: озорандаи падару модарро дар даргоҳи ман ҷой набошад. Некбахт кӣ бошад? Он кӣ дар ҳаёт ва мамот модару падар аз вай розӣ бошанд».

**Аз «Дуррулмаҷолис»**

### Савол ва супориш:

1. Бо кадом роҳ аз азоби Худованд наҷот ёфтан мумкин аст?
2. Чӣ тавр ба биҳишт рафтан ба кас муяссар мешудааст?
3. Агар падару модар аз шумо розӣ набошанд, оё ба биҳишт дохил шудани кас мумкин аст?

**Аз гапи падару модари худ ҳеҷ гоҳ набароед ва иззату ҳурматашонро ба ҷо оред.**

## II
## ҲИКОЯТ

Ва овардаанд: Ҷавоне мурд ва ӯро дар гӯр дафн карданд. Ҳамон соат аз гӯр овозе ҳамчу хар омадан гирифт. Мардумон, ки ба сари турбати ӯ ҳозир буданд, дар ҳайрат монданд, ки чаро аз гӯр овозе ҳамчу хар меояд. Баъди он маълум шуд, ки модари худро як рӯз ранҷонда ва гуфта буд, ки дар гӯр сухани ӯ монанди овози хар шавад. То бидонӣ, ки аз сухани бад чунин муомила дар гӯре пеш омад.

**Аз «Дуррулмаҷолис»**

**Луғат:**
***Дафн карданд*** – гӯронданд, қабр карданд. ***Турбат*** – гӯр.

### Савол ва супориш:

**1.** Аз гӯр овози чӣ меомадаст?
**2.** Чаро одамони дар сари гӯр буда аз ин овоз дар ҳайрат монданд?
**3.** Писар нисбати модари хеш чӣ гуноҳ содир карда будааст?
**4.** Сухани бад нисбат ба модар гуфтаи он писар ба ӯ чӣ зиён овард?

**Панд:** Падару модарро ҳурмат кунед, он гоҳ ҳурмат мебинед!
**Машқи 1.** Матни 1-умро хонед ва сарҳати аввали онро нависед.
**Машқи 2.** Луғати матнҳоро аз назар гузаронед, исмҳояшро номбар кунед.
**Машқи 3.** Ба саволҳои матни якум хаттӣ ҷавоб нависед.
**Супориш:**
**1.** Матни дуюмро хонед ва мазмуни онро гуфта диҳед.
**2.** Луғатҳои додашударо дар хотир нигоҳ доред.
**3.** Ин калимаҳоро ба ҳиҷоҳо ҷудо кунед: **ҷавон, ҷаҳон, иззат.**
**Намуна:** Ҷаҳон – ҷа-ҳон, ...

## ДАРСҲОИ 59–60

## ЧАРО РАНГИ СОБИРҶОН КАНД?

Соати аввал тамом шуд. Собирҷон ба берун набаромада, аз ҷояш намеҷунбид. Ҳаммизаш Оқилҷон ҳам дар синф монда, китобчаи нави худро мехонд.

«Агар ман ҳозир кулчаҳоямро хӯрам, – аз дил гузаронд Собирҷон, – Оқил ҳам ба ман ҳамроҳ мешавад. Агар ба ӯ надиҳам, чашмгушна мегӯяд. Диҳам, он гоҳ дигарон ҳама мепурсанду худам ҳам сер намешавам».

Дар танаффуси дигар ҳам нашуд. Ҳарчанд Собирҷон номаълумакак кисаҳояшро аз кулчаву мавиз пур карда, берун баромада бошад ҳам, ҳамсинфонаш Расулу Акбар аз ӯ дур намешуданд. Онҳо ба ҷону ҳоли Собирҷон намонда ба бозӣ таклиф карданд. Собирҷон розӣ нашуд. Охир бо шиками гурусна чӣ хел бозӣ кардан мумкин? Худаш то вақти мактабравӣ ба бозӣ андармон шуда, дер монда омад. Барои гурусна намондан модараш ба ҷузвдони ӯ кулчаву мавиз андохт, ки вақти танаффус хӯрад.

Онҳо бо баҳсу мунозира машғул буданд, ки занги даромад зада шуд.

Пас аз дарси сеюм бошад, ҳамсинфон ба саҳни мактаб баромада бозӣ ташкил карданд.

Хулоса, то охири дарс Собирҷон хеле гурусна монда, бо рангу рӯи канда ба хона омад. Ин аҳволи ӯро модараш дида, ба таҳлука афтод.

– Ҳа, писарам, ба ту чӣ шуд? Мабодо касал нашудӣ?

– Не, – беҳолона гуфт Собирҷон.

Чашми модар ба лабҳои хушкидаи писараш афтоду аз таги гап пай бурд ва маслиҳатомез гуфт:

– Ин корат нағз не, писарам. Ман кулчаву мавизро бисёртар додам, ки бо ҷӯраҳоят хӯрӣ, ту бошӣ...

**Бахтиёр Ҷумъаев**

### Савол ва супориш:

**1.** Собирҷон чаро нону мавизи модараш додаро нахӯрда, пас гардонида овард?

**2.** Оё рафтори Собирҷон нисбат ба ҷӯраҳояш дуруст буд, шумо чӣ мегӯед?

**3.** Мақоли «Як мавизро чил қаландар хӯрдааст»-ро маънидод кунед. Чашмгуруснагӣ хислати бади одам аст. Чашмтангӣ хислатҳои дигари хасисӣ, бахилӣ, одамбадбинӣ, бесаховатӣ, пастҳимматӣ ва монанди инҳоро пайдо мекунонад. Кӯшиш кунед аз худ ин хислатҳоро дур намоед.

Аз болои нафси худ ҳамеша ғолиб бошед.

**Машқи 1.** Матнро бодиққат хонед ва исмҳояшро муайян намоед.
**Машқи 2.** Ба исмҳои зерин ҳаммаъноҳояшонро илова карда нависед:
Шод –
Ғам –
Қаҳтӣ –
Ош –
Меҳнат –
Ранҷ –

**Намуна:** Меҳнат – заҳмат.

**Машқи 3.** Бо исмҳои додашуда ҷумлаҳо тартиб диҳед: **моҳ, офтоб, ситора, осмон, борон, барф.**

**Намуна:** Моҳ баромада шаби торикро равшан кард, ...

**Супориш:** Имлои ин калимаҳоро машқ кунед: **рӯз, бӯр, шӯр, мӯр, кӯр, зӯр.**

## ДАРСҲОИ 61–62

### ДАР ХОНАИ БАЧАҲО

Баъди рафтани Азиз Карим як бача бо фармони Ҷаббор маро ба сартарошхона бурда, мӯи сарамро тарошид. Аз сартарошхона баргашта будам, ки мудири хоҷагии интернат ба ман як куртаи тозаи чит ва як шими сиёҳи нимдошт дод. Ман соате бо бачагони дигар дар ҳавз машғули оббозӣ шудам ва баъд либоси тоза пӯшида, худамро сабук, хушҳол ва хушбахт ҳис кардам.

Ногаҳон як бача оҳани дарози ба девор овехташударо бо санг се-чор бор зад. Бачагон бо шунидани садои ин «занг» давон-давон дар гирди мизи дарозе, ки ба як кунҷи ҳавлӣ гузошта шуда буд, ҷой гирифтанд. Дар байни онҳо ман як шиноси худамро ёфтам, ки номаш Раҳимҷон буд. Вай барои дидани хоҳари дар Қизилтеппа истиқоматкунандааш боре ба он деҳа рафта буд ва ман ӯро дар ҳамон ҷо дида шинос шуда будам. Вай ҳам маро шинохт, мо дар паси миз бо ҳам нишастем. Ду бача аз ошхона бо косаҳои мисин мошкичирӣ оварда, ба пеши ҳар як бача як косагӣ гузоштанд. Мошкичирӣ ба ман ончунон писанд омад, ки гумон кардам солҳои сол он гуна таоми бомаззаро нахӯрдаам.

**Сотим Улуғзода**

**Луғат:**
***Интернат*** – ятимхона, хонаи бачаҳо.

**Савол ва супориш:**

1. Азиз Карим ба Ҷаббор чӣ маслиҳат додааст?
2. Ҷаббор ба писарча чиҳо медиҳад?
3. Баъд аз занг бачаҳо ба куҷо ҷамъ шуданд?
4. Писарча бо кӣ вохӯрд?
5. Мошкичирӣ ба писарча чаро писанд омадааст?
6. Дар ҳар ҷо ва бо ҳар кас хушмуомила бошед.

**Машқи 1.** Матнро такроран хонед ва исмҳои хосашро нависед.
**Машқи 2.** Бо калимаҳои машқи 1, ки исмҳои хосанд, ҷумлаҳо тартиб диҳед: Азиз Карим, Ҷаббор, Раҳимҷон, Қизилтеппа.

**Намуна:** Дар Қизилтеппа ман рафиқе доштам, номаш Раҳимҷон буд.

**Супориш: Дар хотир гиред!**

**ҚОИДА: 1.** Агар калимаҳо шаклан дигар бошанду маънояшон якхела, онҳоро калимаҳои ҳаммаъно меноманд.
**Мисол:** Ҷовид – абадӣ – доимӣ, осудагӣ – сулҳ, шахс – кас, иморат – бино. Ин гуна калимаҳо исмҳои ҳаммаъноанд.
**2.** Баъзе исмҳо муқобилмаъно ё ки зидмаъно мешаванд.
**Мисол:** хор – гул, шаб – рӯз, шодӣ – ғам, пир – ҷавон, каҷ – рост, рост – дурӯғ.

**Машқи 3.** Ба исмҳои зерин феълҳо илова карда нависед:
Ман ба бозор ... Дар бозор меваҳо зиёд ... Ман ду кило себ ... Себҳо суп-сурх ... Баъд ба хона ...

**Намуна:** Ман ба бозор рафтам.

## ДАРСҲОИ 63–64

## ШОИСТАИ ДАСТЁР

Шоиста монанди ҳаррӯза барвақт аз хоб хест. Ҷойгаҳашро ба тартиб оварду зуд берун баромад. Аввал шустушӯй кард. Баъд

ҷорӯбро ба даст гирифта, айвонро рӯфт. Болои хонтахтаро пок кард, ба атрофаш кӯрпача андохт.

Модараш хӯрок пухт. Акнун мехост чой дам кунад.

– Очаҷон,чойро ман дам мекунам, – гуфт Шоиста.

– Ту чой дам карда метавонӣ? – ҳайрон шуд модараш.

– Ҳа, Мавлуда метавонад, ку? – гуфт Шоиста.

– Мабодо чойникро нағалтонӣ? – гуфт модараш.

– Не, намеғалтонам. Ман акнун калон шудагӣ! – Модараш хурсанд шуд.

Шоиста чой дам карда, чойникро ба болои хонтахта оварду бо сачоқ пӯшонда монд.

Модар ба айвон омада ҳайрон шуд:

– Дастархонро кӣ андохт? – пурсид ӯ.

– Ман, – гуфт Шоиста.

Модар аз хурсандӣ Шоистаро ба оғӯш кашиду бӯсид. Сонӣ модараш ба косаҳо хӯрок кашид, ӯ ба хона кашонд. Баъди наҳорӣ Шоиста дастархонро ғундошта, зарфҳоро шуст.

– Дидед, дадош, духтарамон калон шудааст. Ҳар рӯз ба ман ёрӣ мерасонад, таъриф кард модараш.

– Ба мактаб рафта ақлаш даромадааст, – хурсанд шуд падараш. Шунидед, азизонам! Шоиста духтари боақл аст. Ҳам нағз мехонад, ҳам ба модараш ёрӣ мерасонад. Ҳангоми мактаб рафтанаш «Хайр, дадаҷон», «Хайр, очаҷон» гуфта меравад. Вақти аз мактаб баргаштанаш салом дода, баъд ба хона медарояд.

**Супориш:**

**1.** Матнро хонед, мазмунашро нақл кунед.

**2.** Ба саволҳои зерин ҷавоб диҳед:

а) Исм гуфта чиро мефаҳмем? Исм ба кадом саволҳо ҷавоб мешавад?

б) Исмҳо танҳо ва ҷамъ мешаванд, бо мисолҳо фаҳмонед.

в) Исмҳои хос мегӯем, чӣ тавр бояд исбот кард, бо мисолҳо фаҳмонда метавонед?

г) Исмҳои ҷинс бо кадом ҳарф (хурд ё калон) навишта мешаванд?

д) Исмҳои танҳо ба кадом савол ҷавоб мешаванд?

е) Исмҳои ҷамъ чӣ?

**3.** Шумо ҳам пайрави Шоиста бошед. Ба корҳои модаратон ёрӣ расонед. Ҳаргиз одоби саломдиҳиро фаромӯш накунед.

**Дар хотир гиред!**

Исм ҳиссаи номии нутқ буда номи ашёро ифода мекунад.

Исмҳои хос бо ҳарфи калон ва исмҳои ҷинс бо ҳарфи хурд навишта мешаванд.

**Мисол:** Ҳисор, Ғарм, Суғд; нон, замин, теппа, расм, шона, оина.

**Аввали ҷумла бо ҳарфи калон навишта мешавад.**

**Мисол:** Офтоб баромад. Мо ба мактаб рафтем. Дар мактаб дониш меомӯзем.

Исмҳо ҳаммаъно ва муқобилмаъно мешаванд: шодӣ – хурсандӣ, шод – хурсанд, шаб – рӯз, гармӣ – хунукӣ.

## ДАРСҲОИ 65–66

Бачаҳо! Оё шумо медонед, ки одамон чӣ тавр бардаму боқувват мешаванд. Ҳамон касон зӯру тавоно ва солим мегарданд, ки ба намудҳои варзиш, аз қабили гӯштингирӣ, сангбардорӣ, давидану ҷаҳидан, шикор ва ғайра машғул мегарданд. Хуллас, чунин одамон танбалу танпараст намешаванд ва мудом дар ҳаракатанд. Хусусан чунин касон ба хоб рафтан бисёр одат намекунанд.

Матнро хонед ва хулоса бароред.

### ҲАСАН-ГУПСАРЧӢ

Ҳасан-гупсарчӣ – писари Ятими оббоз марди қадбаланди тануманд буд. Дастони бақувват ва бозувони мустаҳкам дошт. Дар вақти аз об баромадан ҷисми аз хунукӣ кабуд гардидаи вай кӯҳпораи мармаринеро ба ёд меовард. Чашмони чуқури гӯсфандӣ, абрӯвони ғафс, ки қариб пеши чашмонашро пӯшонида буданд, бинии теғадор, ки ба мисли минқори уқоби шикорӣ саҳл ба пеш хам шуда буд, бо мӯйлаби чун дастаи шамшер ғафс ва риши сиёҳи калтааш дар назари аввал хеле одами хашмгин ва воҳиманок менамуд. Лекин дар асл ин

тавр набуд. Вай шахси камгапи раҳмдил ва одами беозор буд. Бо хурду калон як хел муомила мекард.

Дар оббозӣ истеъдод ва маҳорати Ҳасан беандоза буд. Тамоми аҳли қишлоқ аз рӯи ҳамин касбаш ӯро ҳурмату иззат мекарданд. Ҳасан дар тамоми чор фасли сол аз Сурхоби шӯху саркаш, ки бо ғалаён ҷорӣ мешуд, мегузашт, аз соҳил ба соҳиле одам мегузаронд. Бо ҳамин вай дар сарзамини қишлоқи Тагоб ва Сияҳоба тухми меҳру муҳаббат ва хешутаборӣ мекошт.

**Равшан Ёров**

### Савол ва супориш:

**1.** Ҳасан-гупсарчӣ писари кӣ будааст?

**2.** Ҳангоми аз об баромаданаш ҷисми Ҳасан ба чӣ монанд мешудааст?

**3.** Аз қиёфаи Ҳасан ӯро ба чӣ гуна одам монанд мекардаанд?

**4.** Чаро мардуми деҳа Ҳасанро дӯст медоштаанд?

**5.** Шумо ҳам агар ба варзиш машғул шавед, бақуввату солим мегардед?

**Машқи 1.** Се ҷумлаи аввали матнро такроран хонед ва исмҳоро муайян карда ба онҳо саволи кӣ? ва чӣ? гузоред.

**Намуна:** кӣ? – Ҳасан-гупсарчӣ, ...

**Машқи 2.** Баъд аз муайян намудани исмҳо машқи 1-ро нависед.

**Машқи 3.** Исмҳои хосро аз матн муайян карда ба онҳо саволҳо гузоред, баъд нависед.

**Супориш:** Шарҳ диҳед: Бо ҳамин вай дар сарзамини қишлоқи Тагоб ва Сияҳоба тухми меҳру муҳаббат ва хешутаборӣ мекошт...

**Машқи 4.** Имлои ин калимаҳоро машқ кунед: **Боҳунар, беҳунар, ошхона, офтобӣ, илмдӯст, тозагӣ, боинсоф, беинсоф, боадаб, беадаб.**

## ДАРСҲОИ 67–68

## ОДАМИ БАРФӢ ДАР ВАНҶ
### (Хоҳ бовар кунед, хоҳ не)

Моҳи июли соли 1990 ҳамкасбони мо, кормандони ҳафтаномаи «Омӯзгор» Саидаҳмади Қаландар ва Бегиҷони Махсум аснои сафари

эҷодӣ шоҳиди воқеае шуданд. Онҳо дар Ванҷзамин, ки тобистонаш басо дилфиребу назаррабост, сайру гашт карда, нисфирӯзӣ ба деҳаи Сумгадиён омаданд ва дар чаҳорбоғ сӯҳбат оростанд.

**АЗ ҲИКОЯТИ САИДАҲМАДИ ҚАЛАНДАР:** Сӯҳбат гарм ва ширин буд. Басо қиссаҳои рангин гуфта шуд. Қарибиҳои соати чаҳор аз ёрон иҷозат хоста ният кардам, дар дарёчаи обаш сарду зулол, ки аз канори деҳ ҷорист, дасту рӯ шӯям. Лаб-лаби дарёча рӯ ҷониби кӯҳ ангатзор доман паҳн кардааст. Ба лаби дарёча расида, аз танам пироҳанро кашидам ва даст ба об бурдам. Тасодуфан сар боло кардаму манзараи зайлро дидам: дар тарафи дигари дарёча маҳлуқи аҷибе бо як дасташ аз танаи ангат дошта, бо дасти дигараш шохаҳои онро меҷунбонд. Ба вай хубтар зеҳн мондам. Маҳлуқ чунин намуд дошт: сараш харбузашакл, чашмонаш калон, биниаш уқобӣ, қисми рӯяш пурра, баданаш ба сони бадани тимсоҳ, бозувонаш муқаррарии сермӯй, пойҳояш бемӯй. То чанд вақт шояд аз ман дарак надошт, ки ба кори худ машғул буд: шохаҳои ангатро меҷунбонд ва аз онҳо баргу мева меканд. Онҳоро мехӯрд ё не, чизе гуфта наметавонам. Ҳаракати дастонаш бароям нопайдо буд. Шилдирроси оби дарёча оромиашро халалдор намекард. Чун чашм ба чашм хӯрдем, майли гурехтан кард. Шояд аз саросемагӣ бошад, ки ду-се қадам набардошта, пуштнокӣ рӯи сабзаҳо ғалтид. Вақте ки аз ҷо хест, дастҳояш ба замин мерасиданд, яъне аз қадаш дарозтар. Қадаш тақрибан 1 метру 20 сантиметр. Боре садо набаровард. Бошитоб аз болои регу сангзори лаби дарёча тарафи дараи Сумгад роҳ гирифт.

### Савол ва супориш:

1. Воқеа дар куҷо рӯй додааст?
2. Маҳлуқ чӣ гуна шакл доштааст?
3. Матнро хонед ва мазмунашро нақл кунед.

**Машқи 1.** Исмҳои хосро аз матн муайян карда нависед.

**Машқи 2.** Сархати якуми матнро нависед ва исмҳои ҷинсашро муайян карда ба онҳо саволи чӣ?, чиҳо? ва кӣ?, киҳо? гузоред.

**Намуна:** Моҳ – чӣ?, сол – чӣ?, ҳамкасбон – киҳо?, ...

**Супориш:** Миқдори ҷумлаҳои сархати аввали матнро муайян кунед ва номи рӯзномаи ҳафтаинаро ёбед ва номбар намоед.

**Машқи 3.** Бо исмҳои зерин ҷумлаҳо тартиб диҳед: кӯҳ, деҳа, чаҳорбоғ, истироҳат.

**Супориш:** Ҷумлаҳои тартибдодаатонро нависед.

**Машқи 4.** Эзоҳ диҳед: матн, ҷумла, калима, ҳарф, овоз нутқ.

**Намуна:** Матн аз гурӯҳи ҷумлаҳо иборат аст, ...

## ДАРСҲОИ 69–70

### ИЗИ ПОЙ

**АЗ СӮҲБАТИ БЕГИҶОН МАХСУМ:** Аз лаҳзае, ки акаи Саидаҳмад ҷониби дарёча рафт, ним соат нагузашта овозашро шунидам: «Бегиҷон! Бегиҷон!» Ҷониби овоз давидам. Бинам акаи Саидаҳмад пироҳан дар даст сӯям меояд. Чӣ гап шуданашро пурсон шудам. Ба ханда гуфт: гӯям бовар намекунӣ, нагӯям дар дилам мемонад. Баъд дарёчаро гузашта, он ҷоро, ки одами барфӣ ғалтида буд, аз назар гузарондем. Сабзаҳои бешаро поймолшуда дарёфтем. Аз ҷои ғалтиданаш ду-се қадам дуртар изи пояшро дидем. Ба сони кафи пои одамӣ набуд. Тақрибан панҷаи одам барин: аз пеш чор ангушт, аз қафо нарангушт. Нарангушт ба замин ба андозаи чаҳор-панҷ сантиметр фурӯ рафта буд. Аз ин ҳодиса одамонро хабар кардем. Онҳо ҳикоят карданд, ки мавҷудияти чунин маҳлуқеро дар атрофу акнофи Сумғад ёд надоранд. Боз шабона омадем, вале аз одами барфӣ (мувофиқ ба маълумоте, ки аз рӯзнома ва дигар сарчашмаҳо дарёфт карда будем, ба махлуқ одами барфӣ ном ниҳодем) нишоне наёфтем. Саҳарӣ омадем. Ин дафъа дар паҳлуи изи дидаамон изи пои дигареро дидему боварамон ба мавҷудияти чунин маҳлуқ афзуд. Ин из аз изи пешина фарқ мекард: дар шакл як хел, вале дар андоза калонтар, тахминан 35-40 сантиметр. Ба андешаамон яке модару дигаре бача будааст...

**Хушбахт Ҳайдаршо**

**Савол ва супориш:**

1. Саидаҳмад чиро нақл кард?
2. Изи пои махлуқ чӣ гуна будааст?

3. Мо ба вуҷуд доштани одами барфӣ, ки Саидаҳмад дидааст, аз рӯи чӣ бояд бовар кунем?
4. Хулосаатонро оид ба ҳикоя баён кунед.
5. Мазмуни ҳикояро мухтасар нависед.

## ДАРСҲОИ 71–72

### БЕЭҲТИЁТӢ

#### I

Мансур сӯи мошине, ки дар кӯча истода буд, давида рафт. Гирдогирдаш гашта, чарххояшро тамошо карду хар ҷо-ҳар ҷояшро даст зад. Ангушташ равғанолуд шуд, баъд он равғанро нохост ба куртааш молида монд. Акнун апааш чӣ мегуфта бошад? Охир вайро доим «озода» гӯён таъриф мекард-ку? Мансур доғи равғанро тоза карданӣ шуда, бо кафи дасташ молид, доғи нав калонтар шуд.

– Ана, ҳамаи ҷоятро чиркин кардӣ, – аз кӯҷое пайдо шуда гуфт апааш. – Ту писараки каппа-калон шудию худи чиркинхӯҷаҳо барин мегардӣ.

– Дигар чиркин намекунам. – Мансур ба доғи панҷааш, ки дар рӯи куртаи сафед гурба ханҷол кардагӣ барин менамуд, нигоҳ карду чашмаш лиққӣ об шуд.

– Биё равем, боз дигар ҷоята сиёҳ накунӣ, – аз дасти додаракаш гирифта, сӯи хонаашон рафтанӣ шуд Наргис.

– Не, намеравем, очам ҷанг мекунанд.

– Гард, рафта худамон тоза мекунем. Чанд бор гуфтам-ку ба ҳар чӣ даст назан.

– Дигар даст намезанам.

Наргис Мансурро ба ҳавлӣ даровarда, назди дастшӯяк бурд. Собун оварда ба вай дод.

– Ма, худат шӯй, – гуфта ба дасти ӯ об рехт. – Худат чиркин кардӣ, худат тоза кун!..

**Савол ва супориш:**

1. Мансур чаро чиркин шуд?
2. Чашми Мансур аз чӣ пуроб гашт?
3. Наргис ба Мансур чӣ гуфт?

**Машқи 1.** Матнро аз назар гузаронед ва исмҳои танҳоеро, ки ба саволи кӣ? ҷавоб мешаванд, муайян кунед.

**Намуна:** Кӣ? Мансур, ...

**Машқи 2.** Сархати аввали матнро нависед.

**Супориш:**

**1.** Ба хушнависӣ диққат диҳед.

**2.** Ба зери исмҳои танҳои ҷумлаҳо хатча кашед ва ба яке аз ин исмҳо савол гузоред.

**Машқи 3.** Хонед, хулоса бароред: Зебо хонаашонро ҳамеша покиза нигоҳ медорад, хонаи онҳо бисёр зебо аст. Шаҳри Душанберо зеботарин шаҳри Осиёи Марказӣ меноманд. Лола бисёр духтари баодобу меҳнатдӯст аст. Дар аввали баҳорон гули лола аз ҳама гулҳо пештар мешукуфад. Мурод аз омадани хоҳарчааш Сайёра беҳабар монд. Аз омадани мо мурод ҳамин аст, ки шуморо ба тӯй даъват кунем.

**Супориш:**

**1.** Ба навишти калимаҳои Зебо, зебо, Лола, лола, Мурод, мурод диққат диҳед ва фаҳмонед, ки чаро ин калимаҳо гоҳ бо ҳарфи хурду гоҳ бо ҳарфи калон навишта шудаанд (хосу ҷинс).

**2.** Ҷумлаҳои машқи 3-ро нависед ва ба зери исмҳои хос хатча кашед.

**3.** Фарқи исмҳои хосро аз исмҳои ҷинс маънидод кунед.

## ДАРСҲОИ 73–74

## ПУШАЙМОНӢ

### II

– Наметавонам. Очам мешӯяд.

– Худат шӯй! Кори очам бисёр.

Мансур куртаашро кашид. Наргис тағора овард. Мансур куртаашро ба он андохт.

– Собун зада шӯй!

Мансур ба курта ду-се бор собун зада ғиҷим кард. Наргис мағзобаро партофт, оби тоза рехт. Куртаро чайқонду аз тағора гирифта доғро дид. Не, доғи курта нарафтааст. Куртаро ба тағора партофта, ба Мансур гуфт:

– Канӣ, як бори дигар шӯй!

Мансур дили ноxоҳам боз доғи куртаро кафмол кардан гирифт. Қавоқ андохта базӯр даст мечунбонд. Вақте ки куртаро аз об бароварда, ба остинаш нигарист, боз ҳамон доғро дид. Ин дафъа куртаро шалаппӣ ба тағора партофту гирист.

– Дидӣ, ҷомашӯӣ осон не. Биё, дигар куртаро пӯш, – Наргис аз дасти Мансур гирифта, ба хона даровард.

Мансур куртаи тоза пӯшида, боз ба кӯча давид, назди мошин рафт, аммо ин дафъа аз дур истода тамошо мекард.

Ин вақт писарчаи ҳамсояашон ба мошинчааш риштае баста, кашола карда омад. Ҳоло ӯ ба мошин наздик нашуда, Мансур гуфт:

– Дуртар ист, боз куртаатро чиркин накунӣ!

### Савол ва супориш:

**1.** Чаро апааш Мансурро «чиркинхӯҷа» номид?
**2.** Ба фикри шумо ҷомашӯӣ кори осон аст?
**3.** Мансур чӣ хулоса баровард ва ба писари ҳамсоя чӣ насиҳат кард?
**4.** Маънии калимаи «эҳтиёткорӣ»-ро гуфта диҳед ва аҳамияташро фаҳмонед.

**Машқи 1.** Исмҳои танҳоро аз сархати аввали матн нависед ва савол гузоред.

**Намуна:** Очам – кӣ? ...

**Машқи 2.** Пандҳоро хонед ва аз ёд кунед: Бипарвар дарахте, ки бор оварад. Ҳар кӣ некӣ кунад, некӣ бинад. Ҳар кӣ бадӣ кунад, бадӣ мебинад. Ҳарчанд доно бошӣ, боз аз нодоне бипурс. Пур дону кам гӯй. Пурдонӣ аз пурхонӣ аст.

**Машқи 3.** Пандҳои машқи 2-ро нависед ва ба ҳусни хат диққат диҳед.

**Супориш:**

**1.** Панди охирро шарҳ диҳед.
**2.** Муқоиса кунед: Озода – чиркинхӯҷа.

## ДАРСҲОИ 75–76

# ХИСЛАТҲОЕ, КИ ШОИСТАИ ОДАМӢ НЕСТ

Ҷавонмард бояд зидди касон набошад, каломи қабеҳ нагӯяд, ғайбати некон накунад, бисёр мазоҳ накунад, суханчин набошад, бисёр нахандад, ба ваъда хилоф накунад, ситам ба касон раво набинад, сарват наҷӯяд, ҳасад набарад, ҳарис набошад, айби мардум наҷӯяду нагӯяд, ба дурӯғ савганд нахӯрад, ба моли мардум тамаъ накунад, хиёнат накунад, бӯҳтон назанад, шитоб накунад, пора нахӯрад, вафодор бошад, бо бадсириштон ҳамсӯҳбатӣ накунад.

**Ҳусайн Воизи Кошифӣ**

**Луғат:**

***Каломи қабеҳ*** – сухани бад, гапи дурушт.
***Хилоф*** – зид, муқобил.
***Сарват*** – мол, бойгарӣ.
***Бӯҳтон*** – тӯҳмат.
***Мазоҳ*** – масхара.
***Ситам*** – азоб, ранҷ, укубат.
***Ҳарис*** – тамаъкор, гуруснаҷашм.

**Машқи 1.** Луғатҳои матнро нависед ва онҳоро дар хотир гиред.
**Машқи 2.** Гуфтаҳоро аз матни боло нависед ва шарҳ диҳед.
**Супориш:**
**1.** Интихобан ба якчанд исмҳои гуфтаҳои боло саволҳои мувофиқ гузоред:

**Намуна:** Кӣ? – ҷавонмард, чӣ? – зид, киҳо? – касон, ...

**2.** Хислатҳои шоистаро аз бар кунед ва аз хислатҳои бад дурӣ ҷӯед.

## ДАРСҲОИ 77–78

# ДЕҲҚОНИ ПИР

Касе намедонад ин воқеа кай рӯй додааст: дар замони ҳуҷуми Искандари Мақдунӣ, ё ғоратгарии Темури Ланг, истилои арабҳо, ё тохтутози Чингизхон, маълум нест. Вале ба ҳаққонияти он шубҳае нест!..

Ҳангоми омодагӣ ба ҳуҷум душманон дур аз шаҳр деҳқони пирепо вомехӯранд. Онҳо мехоҳанд, ки иродаи ӯро озмоянд, то қудрату тавоноии аҳли ин кишварро фаҳманд.

Сардори аҷнабиён деҳқони пирро наздаш хонда, чунин мегӯяд:

– Ман туро ҳамагӣ як рӯз ранҷ медиҳам, лекин бисёр на, андак. Яъне туро полон мезанаму савор мешавам. Ту мисли хар ҳангас мезаниву медавӣ. Ҳамааш ҳамин. Ба ивази ранҷи якрӯза ту тамоми умр озод ва серу пур хоҳӣ буд! Хӯш, чӣ мегӯӣ?

Деҳқон каме ба андеша меравад. Душманон гумон мекунанд, ки вай ҳамин замон розӣ мешавад.

– Аҷиб, – мегӯяд бо заҳрханд деҳқон, – андак ранҷ мебариву тамоми умр озод ва серу пур мегардӣ! Таклифи нағз! Лекин ман ҳоло орзуи тамоми умр озод будан надорам. Мехоҳам як рӯз озод бошам! Он рӯз имрӯз аст.

Аҷнабиён ҳайрон мешаванд.

– Мо чизе нафаҳмидем, – мегӯянд онҳо. – Чаро ту маҳз имрӯз озод будан мехоҳӣ?

– Он гоҳ ман метавонам, ки бо шумо лоақал як рӯз биҷангам! – ҷавоб медиҳад деҳқони пир.

Аҷнабиён деҳқони пирро мекушанд ва рӯзи дигар ба шаҳр ҳуҷум меоваранд. Вале онҳо ба мақсад намерасанд. Дар муҳорибаи дурударози сахт шаҳриён ғолиб меоянд. Онҳо ҳатто сардори аҷнабиёнро асир мегиранд.

Вақти пурсуҷӯ ин сардор ба шаҳриёни ғолиб чунин мегӯяд:

– Нисфи лашкари маро дирӯз як деҳқони пир нобуд карда буд!..

**Азизи Азиз**

**Луғат:**

*Ҳаққоният* – ҳақиқат, ростӣ.
*Матонат* – устуворӣ, маҳкамӣ.
*Андеша* – фикр, хаёл.
*Муҳориба* – мубориза.
*Омодагӣ* – тайёрӣ.
*Ранҷ* – азоб, заҳмат.
*Гумон* – фикр, шубҳа.
*Аҷнабиён* – хориҷиён, бегонагон.

**Супориш:**

1. Матнро хонед.
2. Баъд аз хондани матн онро ба қисмҳо ҷудо карда сарлавҳа гузоред.

**Сарлавҳагузории намунавӣ:**

1. Вохӯрии душманон бо деҳқони пир.
2. Таклифи сардори душманон ба деҳқони пир.

**3.** Ҷавоби деҳқони пир ба душманон.

**4.** Қоил шудани сардори душманон ба рафтори ҷасуронаи деҳқони пир.

**Супориш:** Баъд аз сарлавҳагузорӣ мазмуни қисмҳои матнро накл кунед.

**Машқи 1.** Сархати дуюм ва сеюми матнро нависед ва ба хушнависӣ диққат диҳед.

**Машқи 2.** Матнро бори дигар аз назар гузаронед ва исмҳоеро, ки бо ҳарфи калон навишта шудаанд, муайян карда ба дафтаратон нависед.

**Машқи 3.** Матнро такроран хонед ва ду сархати охири онро аз ёд кунед.

**Машқи 4.** Имлои исмҳои хосро машқ кунед: **Сирдарё, Вахш, Сурхоб, Ҳасан, Ҳусейн, Варзоб, Ҳисор, Душанбе, Хайбар, Полвон.**

## ДАРСҲОИ 79–80

### НОСИРҶОН МАЪСУМӢ

Халқи тоҷик фарзандони донишманд, олимони машҳур дорад. Яке аз чунин олимони машҳур устод Носирҷон Маъсумӣ мебошад. Ӯ тамоми ҳаёташро ба хизмати халқ сарф кардааст.

Дар ин ҷо боз ёддоштеро дар бораи ҳаёти ин марди бузург меорем. Шояд, ки шумо аз қироати он баҳравар шаведу ин олими машҳурро ба некӣ ёд намоед.

### ҲОЗИРҶАВОБӢ

Фаттоҳ-муаллим дар шӯъбаи ғоибонаи Донишкадаи омӯзгории шаҳри Душанбе мехонд. Аз се кори курсӣ, ду санҷиш ва як имтиҳон, аз ҷумла як санҷиш ва як имтиҳон аз Маъсумӣ қарздор будааст. Рӯзе аз Донишкада ба номаш мактуб меравад. Дар нома гуфта мешавад, ки агар ин қарзҳо пардохта нашаванд, аз донишкада хориҷ хоҳӣ шуд.

Фаттоҳ-муаллим бо дили пурхун ва чеҳраи маҳзун ба кор мерафт, ки аз пеши роҳаш ҳампешаи ӯ Хоҷа Самад мебарояд. Чун ӯ аз асли воқеа хабардор мегардад, мегӯяд:

– Парво накун, бародар. Ин мушкилиро ман осон хоҳам кард. Устод Маъсумӣ бо ман ҷӯраанд. Ба хонаи он кас меравему муамморо ҳал мекунем.

Ҳар ду ба Душанбе омада меҳмони устод мешаванд.

Мизбон онҳоро бо лутфу навозиши зиёд меҳмондорӣ мекунанд. Хоҷа Самад низ бо латифаву қиссаҳои саргузаштиаш муаллимро шод мегардонад. Дар охир ба сари мақсад омада, аз дӯсташ хоҳиш мекунад, ки ба кори ҳамдиёраш мадад расонанд, вагарна хавфи аз донишкада хориҷшавиаш пеш омадааст.

Устод мепурсанд:

– Ин кас ба шумо чӣ нисбате доранд?

– Додарам, аз як падару модар, – мегӯяд Хоҷа.

Шумоҳо бо ҳамдигар монандӣ надоред, – ба лафзи рафиқаш шубҳа меоваранд. – Ранги пӯст ва қиёфаатон тамоман дигар аст. Чунончи, бинии ин кас теғдор, бинии шумо пачақ аст.

Хоҷа Самад фавран мегӯяд:

– Муаллимҷон, ба ростӣ додарам мешавад. Вале фарқаш ҳамин, ки ҳангоми таваллуд ёфтанам ба замин бо биниам афтидагӣ.

Устод аз ин ҳозирҷавобӣ хурсанд шуда, барои хориҷ нашудани он муаллими ғоибхон ёрӣ мерасонад.

### Савол ва супориш:

1. Матнро бодиққат хонед ва ба маънифаҳмӣ омода шавед.
2. Фаттоҳ-муаллим дар куҷо таҳсил мекардааст?
3. Ба номи ӯ аз донишкада чӣ гуна мактуб меояд?
4. Хоҷа Самад ба Фаттоҳ чӣ ваъда медиҳад?
5. Он ҳар ду ҳамкорон меҳмони кӣ мешаванд?
6. Носирҷон Маъсумӣ онҳоро чӣ гуна қабул мекунад?
7. Хоҷа Самад аз дӯсташ чӣ хоҳиш мекунад?
8. Бародар набудани он ду шахсро Маъсумӣ чӣ тавр исбот мекунад?
9. Хоҷа Самад чӣ ҷавоб мегардонад?
10. Устод ба Фаттоҳ чӣ ёрӣ дод?
11. Шарҳ диҳед:

...Дӯст он бошад, ки гирад дасти дӯст,
Дар парешонҳолию дармондагӣ.

**Саъдии Шерозӣ**

**Машқи 1.** Аз матн исмҳои хосро интихоб карда ба дафтар нависед.

**Супориш:** Фаҳмонед, ки чаро ҳарфи аввали ин исмҳоро бо ҳарфи калон навиштед?

**Машқи 2.** Сархати дуюм ва сеюми матнро ба дафтар нависед ва ба зери исмҳои ҷинс хат кашед. Ба феълҳо низ савол гузоред ва онҳоро номбар кунед.

**Намуна:** Меҳонд – чӣ кор мекард?

**Супориш:** Шарҳ диҳед: **Хотирпарешон, гулгашт, нармдил, нармгуфтор, маслиҳатгар, савобҷӯ.**

## ДАРСҲОИ 81–82

## ХАС КАМУ ҶАҲОН ПОК

Боре як нафар марди варзобӣ муаллимони худ Холиқ Мирзозода, Носирҷон Маъсумӣ, Набиҷон Сатторӣ ва Хохомовро ба хонааш ба меҳмонӣ таклиф мекунад. Вале он вақтҳо ба ноҳияву маҳаллоти дурдаст автобус намегашт. Меҳмонон ба мошини боркаш савор шуда, ҷониби Варзоб мераванд. Чун мошин суръат мефизояд, шамоли сард вазида кулоҳи Хохомовро аз сараш рабуда, ба дарё меандозад. Хохомов тақ-тақзанон мошинро манъ мекунад ва лаб-лаби дарё давида, кулоҳро доштанӣ мешавад. Вале ҷараёни тези об кулоҳро дур мебарад. Хохомов бо табъи хира ва чеҳраи тира ба назди мошин меояд ва бо таассуф мегӯяд, ки кулоҳи навро дирӯз завҷааш аз Маскав оварда буд. Акнун пурсад, ки кулоҳро куҷо кардӣ, чӣ ҷавоб хоҳад дод?

Маъсумӣ ба ӯ мегӯяд:

– Домулло, подшоҳон кулоҳи заррин гум кунанд, ғам намехӯранд. Балои омада ба ҳамин кулоҳ занад, як не, садто кулоҳ фидои саратон бод! Насиб бошад, ба қарибӣ ба Маскав равам, ду-се кулоҳ меорам. Воқеан, кулоҳатон хасин буд-а?

– Бале, хасин буд.

– Хайр, ғусса нахӯред, домулло. Як кулоҳи хасинро об бурд, бурддия. «Хас каму ҷаҳон пок!» – гуфтаанд.

**Луғат:**

***Таклиф*** – даъват.

***Суръат мефизояд*** – суръаташро зиёд мекунад.

***Таассуф*** – афсӯс.

***Маҳаллот*** – маҳалҳо, деҳаҳо.

***Шамоли сард*** – шамоли хунук.

***Ғусса*** – ғам, андӯҳ.

### Савол ва супориш:

**1.** Матнро хонед ва мазмунашро гуфта диҳед.
**2.** Дар роҳ чӣ воқеа рӯй дод?
**3.** Маъсумӣ Хохомовро чӣ гуна дилбардорӣ мекунад ва чӣ ваъда медиҳад?
**4.** Ҳозирҷавобии Маъсумиро аз куҷои матн муайян кардан мумкин аст?

**Машқи 1.** Матнро аз назар гузаронида исмҳои хоси онро навишта гиред. Саволҳои ин исмҳоро муайян кунед.

**Намуна:** Холиқ Мирзозода – кӣ?, ...

**Машқи 2.** Исмҳои хосу ҷинсро давом дода нависед:

**Намуна:** Исмҳои хос: Расул, Зулайхо, ...
Исмҳои ҷинс: дафтар, китоб, ранг, ...

**Машқи 3.** Ду сархати охири матнро рӯйнавис кунед ва исмҳояшро муайян намоед.

**Намуна:** Кӣ? – домулло, ...

**Супориш:** Аз рӯи рақамҳо хонед ва гӯед, ки кадом калимаи нав ҳосил шуд.

НОН 3.2.1. РИШ 3.2.1. ТУТ 3.2.1.

## ДАРСҲОИ 83–84

## МАКТАБАМ

Мактабам, нури дидагонам ту,
Мактабам, умри ҷовидонам ту,
Мисли модар ҳалиму ғамхорӣ,
Мактабам, ёри меҳрубонам ту.
Мактабам, эй макони илму фан,
Мактабам, зебу ҳусни ин гулшан,

Меҳри ту дар дилам макон дорад,
Мактабам, эй рафиқи ҷонам ту.
**Гулчеҳра Сулаймонова**

## ПАНД

Биёед, эй рафиқон дарс хонем,
Ба бекорию нодонӣ намонем.
Ба олам ҳар касе бекор гардад,
Ба чашми аҳли олам хор гардад.
**Садриддин Айнӣ**

Ба кор ор илме, ки омӯхтӣ,
Макуш машъалеро, ки афрӯхтӣ.
**Абдураҳмони Ҷомӣ**

## ЧИСТОН

Як порча замин доштем,
Тухми сиёҳ коштем,
Ба чашми худ бидидем,
Ба ақли худ шинохтем. (к. т. б.)

**Мақол:**
Давлатро сарф кунӣ, кам мешавад,
Илмро сарф кунӣ, зам мешавад.

**Супориш:**
**1.** Шеърҳои ба васфи мактаб ва илму дониш бахшидашударо қироат кунед.
**2.** Пандҳоро шарҳ диҳед.
**3.** Андеша: Агар мактаб намешуд, аҳволи мо чӣ мешуд? (андешаро давом диҳед).
**Машқи 1.** Панди Садриддин Айниро нависед ва онро аз ёд кунед.
**Машқи 2.** Аз шеъри «Мактабам» исмҳоро интихоб карда нависед ва савол гузоред.
**Намуна:** Мактаб (чӣ?), нур (чӣ?), дидагон (чиҳо), умр (чӣ), ...

**Машқи 3.** Мақолро нависед:
**Давлатро сарф кунӣ кам мешавад,**
**Илмро сарф кунӣ, зам мешавад.**

**Луғат:**
*Давлат* – бойгарӣ, мол. *Зам* – зиёд, афзун.

**Супориш:** Пешояндҳои аз, ба, дар, бо, то-ро истифода карда ҷумлаҳо тартиб диҳед.
**Намуна:** Аз хондан кас доно мешавад, ...

## ДАРСҲОИ 85–86

### ТОҶИКИСТОН

Захми чашм афтид бар рухсори ту,
Дар ҳавои софу дар ҷӯбори ту.
Оби сурху зард омад дар ҳаво,
Оби сурху зард андар ҷӯйҳо.

**Нақарот:**
Тоҷикистон, Тоҷикистон,
Тоҷикистон ҷону ҷонон,
Тоҷикистон беҳтар аз ҷон,
Беҳтар аз ҷону ҷонон.

Тоҷикистон, зиндаам бо бӯи ту,
Кӯр бодо чашми бад бар сӯи ту,
Дур бодо, оби зарду ранги зард,
Ҷовидон аз рӯи ту, аз рӯи ту.

**Нақарот.**

Пардаҳои нағмаҳоямро бикан,
Бар, барои бекафанҳоям кафан,
Эй ғарибони Ватан овардаам,
Пораеро аз Ватан дар ҳар сухан.

**Нақарот.**

Эй Худо пайванд кун, бишкастаро,
Ҷамъ кун ҷамъи парешонгаштаро.
Ҷамъи хурди Тоҷикистони маро.
Аз парешонӣ нигаҳ дор, эй Худо.

**Назри Яздон**

### Савол ва супориш:

**1.** Шеъри «Тоҷикистон»-ро хонед ва гӯед, ки он ба кадом мавзӯъ бахшида шудааст?
**2.** Чаро шоир **«Захми чашм афтод бар рухсори ту»** мегӯяд?
**3.** Мақсад аз гуфтаҳои «дар ҳавоят оби сурху зард ва дар ҷӯйборҳоят равон гашт» дар чист?
Ба шумо кадом мисраъҳои шеър бисёртар маъқул шуд, ҳамон мисраъҳоро такроран хонед.

**Машқи 1.** Чор мисраи аввали сурудро нависед.
**Машқи 2.** Бо калимаҳои зерин ҷумлаҳо тартиб диҳед ва нависед: **Ватан, Душанбе, Тоҷикистон.**
**Супориш:** Ба зери исмҳое, ки дар ҷумлаҳоятон истифода кардед, хатча кашед.
**Намуна:** Ман Ватанамро чун модарам дӯст медорам.
**Машқи 3.** Чор мисраи охири сурудро нависед ва аз ёд кунед.
**Машқи 4.** Дар бораи маҳали худ матне тартиб диҳед, ки аз 5-6 ҷумла иборат бошад.

## ДАРСҲОИ 87–88

## ПОДШОҲ ВА ШОҲИН

Як подшоҳ вақти шикор шоҳини дӯстдоштаашро аз паси харгӯш сар дода, асп тозонд. Шоҳин харгӯшро ба чангол даровард. Подшоҳ харгӯшро аз чанголи шоҳин гирифт ва ташнагиашро шикастанӣ шуда дар ҷустуҷӯи об шуд. Подшоҳ дид, ки аз баландие об мечакад. Ӯ косаро аз пушти зин гирифта ба таги об дошт. Об чакра-чакра

мечакид ва ҳангоме, ки коса аз об пур шуд, подшоҳ онро ба даҳон наздик бурда, нӯшиданӣ буд. Шоҳин, ки дар рӯи дасти подшоҳ нишаста буд, бол афшонд ва косаи обро зада чаппа кард. Подшоҳ боз косаро ба зери об дошт. То дами пур шудани коса хеле нигоҳ карда истод ва боз косаро ба даҳон наздик бурданӣ буд, ки шоҳин боз бол афшонда обро резонд. Бори сеюм, вақте ки подшоҳ косаро аз об пур карда ба даҳон наздик мебурд, шоҳин обро зада резонд. Подшоҳ оташин шуд ва шоҳинро бо тамоми қувват ба санг зада кушт. Дар ин асно хизматгорони шоҳ расида омаданд ва яке аз онҳо ба боло ба сари чашма давид, ки зиёдтар об ёбаду косаро аз он тезтар пур кунад. Лекин хизматгор об наовард, косаи холӣ дар даст баргашта гуфт: «Аз ин об нӯшидан мумкин нест, дар даруни об море гашта истодааст ва заҳрашро ба об сар додааст. Нағз, ки шоҳин косаи обро чаппа кард. Агар шоҳам ту аз об менӯшидӣ, ҳалок мешудӣ!»

Подшоҳ гуфт: «Ба шоҳин ҷазои сахт додам, вай ҷони маро раҳонд, ман ӯро куштам».

### Савол ва супориш:

1. Подшоҳ шоҳини худро ба куҷо бурд?
2. Шоҳин ба шоҳ чиро шикор карда овард?
3. Баъд подшоҳ чӣ хост ва чӣ ҳодиса руй дод?
4. Чаро шоҳин шоҳро аз нӯшидани об манъ мекард?
5. Шоҳ нисбат ба шоҳин аз чӣ ғазаб кард?
6. Хизматгор ба шоҳ чӣ гуфт?
7. Подшоҳ чаро аз куштани шоҳин пушаймон гашт?

**Андеша:**

Саъй кунед, пеш аз суханеро гуфтан ва libореро сар кардан дар банди андеша бошед, то дар сухану амалатон хатое наравад, зеро гуфтаанд: «коре, ки хато бошад, оварад пушаймонӣ». Ва боз гуфтаанд: «Пушаймонӣ суд надорад».

**Машқи 1.** Ба саволҳо ҷавоб диҳед:

1. Исм чист?
2. Исм ба кадом саволҳо ҷавоб мешавад?

**3.** Исми ҷамъ чисту исми танҳо чист?
**4.** Кадом исмҳоро муқобилмаъно меномем?
**5.** Саволи чӣ? ба чӣ нисбат дораду саволи кӣ? ба кӣ?
**6.** Исми хос чист?
**7.** Исми ҷинс чист?
**8.** Исмҳои ҳаммаъно кадомҳоянд, ба хотир оред.

**Машқи 2.** Ин калимаҳо чӣ гуна исманд: Офтоб, шамс, ховар, гетӣ, олам, дунё, ҷаҳон, даҳр?
Моҳтоб, қамар, моҳ.
Осмон, само.
Хок, гил.
**Машқи 3.** Исмҳои ҳаммаънои машқи дуюмро нависед ва ба онҳо савол гузоред.
**Намуна:** Осмон, само – чӣ? ...
**Машқи 4.** Бо исмҳои машқи 2 чор ҷумла тартиб диҳед.
**Намуна:** Офтоб ҳама ҷоро равшан кард.
**Супориш:** Имлои ин калимаҳоро машқ кунед: **қурбон, бақия, роҳрав, баҳр, бегоҳ, пагоҳ, шарҳ, фараҳ.**

## ДАРСҲОИ 89–90

## ИМЛОИ САНҶИШ

## ТАКРОРИ ИСМ

**1.** Исм чист?
**2.** Ба исмҳои танҳо ва ҷамъ мисолҳо оред.
**3.** Исмҳои ҳаммаъноро гӯед?
**4.** Исмҳои муқобилмаъно кадомҳоянд?
**5.** Саволҳои исмро номбар созед?
**6.** Ҳарфи калон дар аввали исмҳои хос (бо мисол фаҳмонед).
**7.** Пасвандҳои ҷамъбандии исм (-ҳо, -он, -гон, -вон). Бо ҳар кадом мисолҳо оред.
**8.** Исм ба саволҳои кӣ?, чӣ?, киҳо?, чиҳо? ҷавоб мешавад.
Мисол кӣ? – падар, чӣ? – об, киҳо? – талабаҳо, чиҳо? – мурғон.

**9.** Исмҳо танҳо ва ҷамъ мешаванд.

| **Танҳо:** | **Ҷамъ:** |
|---|---|
| Олу (чӣ?) | хонаҳо (чиҳо?) |
| Анор (чӣ?) | китобҳо (чиҳо?) |
| Соат (чӣ?) | шаҳрҳо (чиҳо?) |

**10.** Исмҳо хос мешаванд:
Вахш, Варзоб, Ашт, Нов, Бухоро, Ховалинг.

**11.** Исмҳо ҷинс мешаванд:
Лӯбиё, зағир, нахӯд, элак, орд, нон, сабза.

**Супориш:** Саволҳои болоро нисбати исм фаромӯш накунед ва онҳоро дар хотир гиред:

**ҚОИДА:** **1.** Исмҳои хос бо ҳарфи калон навишта мешаванд: Фархор, Хуҷанд, Панҷакент, Ғарм, Сафар, Толиб, Эмом.
**2.** Исмҳои ҷинс бо ҳарфи хурд навишта мешаванд: хок, рег, қум, китоб, варақ, қалам, чӯб, нахӯд, гандум, ҷав.
**3.** Сифат аломати исмро мефаҳмонад: Талабаи беҳтарин, гули хушбӯй. Агар ба исм савол гузорем, аломаташ муайян мешавад.
Феъл амалро ифода мекунад: гуфт (чӣ кор кард?), меравад (чӣ кор мекунад?).

## ДАРСҲОИ 91–92

### 4. ФЕЪЛ

Феъл ҳиссаи номии нутқ аст. Вазифаи феъл дар ҷумла амал ва ҳаракати ашё, ё ки исмро фаҳмондан мебошад. Феъл ҳам ба монанди исм ва сифат ба саволҳо ҷавоб мешавад. Саволҳои феъл **чӣ кор кард?**, **чӣ шуд?**, **чӣ шуда истодааст?**, **чӣ мешавад?**, **чӣ хоҳад шуд?** ва ғайраанд.

**Савол:**
Ҷои феъл дар куҷои ҷумла аст?
Феъл чанд замон дорад?
Феъл чанд шахсу шумора дорад?

**Ҷавоб:** Феълҳо асосан дар охири ҷумлаҳо меоянд.

Феъл се замон – **замони гузашта**, **ҳозира** ва **ояндаро** ифода мекунад.

**Мисол:**

**1.** Баҳор **гузашт.**

**2.** Ҳоло фасли тобистон давом **карда истодааст.**

**3.** Баъд аз тобистон фасли тирамоҳ **меояд.** Баъд аз тирамоҳ фасли зимистон **хоҳад омад.**

Феълҳо се шахс (1-2-3) ва ду шумора (танҳо ва ҷамъ) доранд.

Панду андарзҳо **суханони ҳикматомезанд**, ки моро ба роҳи рост **ҳидоят мекунанд**. Онҳо ба мо хуб муносибат кардан ва дуруст рафтор намуданро **меомӯзанд**. Ба ин хотир мо ҳар қадар панду андарз ва мақолаҳоро зиёдтар аз ёд **кунем** ва мувофиқи онҳо **амал намоем**, ҳамон қадар мушкилоти зиндагӣ бароямон **осонтар мегардад**.

## ДАРСҲОИ 93–94

## ГУРБАЧАИ СОДДА

Буд-набуд як гурбача буд. Вай Мошон ном дошт. Боре Мошон муш доштанӣ шуд. Аммо ӯ ҳанӯз хурдакак буд ва чӣ будани мушро намедонист. Фақат аз гурбаҳои калон шунида буд, ки онҳо ҳамеша муш медоранд. Вай ҳам мехост, ки зудтар ягонто муш дорад, то ба қатори гурбаҳои калон дохил шавад.

Мошон таҳхона даромад. Ин сӯю он сӯ гашт, вале касеро надид. Камин гирифта поид, вале касе пайдо нашуд. Ногоҳ каҳтӯда хиширрос зад. Мошон пеш ҷаҳид ва чашмаш ба ҷонвараки думдарозе афтод.

– Ту кистӣ? – пурсид Мошон.

– Мушбача.

– Воҳ, – хурсанд шуд Мошон, – худи ту ба ман даркорӣ!

– Барои чӣ? – пурсид мушбача.

– Барои чӣ буданашро намедонам, лекин медонам, ки гурбаҳо бояд муш доранд.

Мушбача гуфт:

– Гурбаҳо барои он муш медоранд, ки мушугурбабозӣ кунанд. Мехоҳӣ, ин бозиро ба ту ёд диҳам?

– Албатта, мехоҳам, – гуфт гурбача Мошон.

– Ин тавр бошад, рафта ба кунҷак исто, – гуфт мушбача. – Чашматро пӯшу то се шумор, ана баъд чашматро кушою маро бидор!

Гурбача ба як кунҷаки таҳхона рафта истод. Баъд чашмашро пӯшида, аз рӯи гуфтаи мушбача то се шумориду чашмашро кушод. Бинад, ки аз мушак дараке нест.

### Савол ва супориш:

1. Мошон чӣ орзу мекард?
2. Мушбача Мошонро чӣ тавр фиреб дод?
3. Афсонаро хонед, нақл кунед.

**Машқи 1.** Ба феълҳои зерин саволҳои мувофиқ гузоред: Буд, набуд, дошт, доштанӣ шуд, хурдакак буд, намедоранд, дорад, дохил шавад.

**Намуна:** Буд – чӣ кор кард? Набуд – чӣ кор накард?, ...

**Машқи 2.** Феълҳои машқи 1-ро рӯйнавис кунед.

**Машқи 3.** Расмҳои зеринро аз назар гузаронед ва ҳаракати ҳайвонҳоро муайян созед:







**Супориш:** Ба саволҳо ҷавоб диҳед:

**1.** Асп (чӣ кор мекунад?) –

**2.** Саг (чӣ мекашад?) –

**3.** Гӯсфанд (чӣ кор мекунад?) –

**4.** Модагов ба мо чӣ медиҳад? –

**5.** Буз чӣ? –

**6.** Аҳамияти ҳайвонҳои хонагиро бо якчанд ҷумла баён карда нависед.

## ДАРСҲОИ 95–96

### ПАНДҲО

### ДӮСТӢ ВА ОДАМУ ОДАМГАРӢ

Дӯст машмор он ки дар неъмат занад,
Лофи ёрию бародархондагӣ.
Дӯст он бошад, ки гирад дасти дӯст,
Дар парешонҳолию дармондагӣ.

* * *

Тани одамӣ шариф аст ба ҷони одамият,
На ҳамин либоси зебост нишони одамият.

* * *

Дӯст он аст, ки айби ёрашро,
Ҳамчу оина рӯ ба рӯ гӯяд.
На ин ки чун шона бо ҳазор забон,
Аз қафо рафта мӯ ба мӯ гӯяд.

**Саъдии Шерозӣ**

### Савол ва супориш:

**1.** Дӯст бояд дар кадом ҳолат дасти дӯстро гирад?

**2.** Аломати хубии одам дар чист?

**3.** Оё либоси зебо нишонаи хубии одам шуда метавонад?

**4.** Дӯсти хуб бояд айби ёрашро ба дӯст чӣ тавр гӯяд?

**5.** Оина чаро ҳамеша ростгӯй аст?

**6.** Монанди оина ростгӯиро шоир чаро таъкид кардааст?

**Машқи 1.** Пандҳоро хонед ва мазмунашонро нақл кунед.
**Машқи 2.** Шаклҳои дигари навишт ва талаффузи калимаҳои роҳ, коҳ, моҳ, шоҳ, чоҳ, мӯ-ро фикр карда нависед.

**Намуна:** Роҳ – раҳ, ... мӯ – мӯй, ...

**Дар хотир гиред!**
Феъл амалу ҳаракати ашёро мефаҳмонад. Феълҳо ба саволҳои чӣ шуд?, чӣ кор кард?, чӣ мешавад?, чӣ шуда истодааст?, чӣ кор мекунад? ва ғайра ҷавоб мешаванд.

**Мисол:** Самолёт парвоз кард. Самолёт чӣ кор кард?

**Машқи 3.** Бо 3 замони феъл ҷумлаҳо созед ва нависед.

**Фаромӯш накунед!**
1. Феъл ҳиссаи номии нутқ аст.
2. Феъл асосан дар охири ҷумла меояд.
3. Феъл се замон дорад: гузашта, ҳозира, оянда.
4. Феъл се шахс шахси 1-2-3 ва ду шумора – танҳо ва ҷамъ дорад.

## ДАРСҲОИ 97–98

## МӮЗАҲОИ ДОНО
**(Афсона)**

Ҷангалбоне мӯза дошт. Мӯзаҳояш хеле доно буданд.

Боре ҷангалбон ба хонааш бармегашт. Дар наздаш дуроҳае баромад: яке аз роҳҳо ба тарафи рост, дигаре ба тарафи чап мебурд. Бо кадоми ин роҳҳо ба хонааш равад? Ҷангалбон қарор дод, ки бо роҳи дасти рост ба хонааш равад. Акнун ба тарафи рост қадам гузошта буд, ки мӯзаҳояш ба ӯ гуфтанд:

– Ба роҳи рост нарав, ба роҳи чап рав!

– Барои чӣ? – ҳайрон шуд ҷангалбон.

– Барои он ки дар роҳи тарафи рост туро бадбахтӣ интизор аст.

– Боз чӣ хел бадбахтӣ? – Аз пештара ҳам зиёдтар ба тааҷҷуб афтод ҷангалбон.

– Ана ҳамин тавр, – гуфтанд мӯзаҳо. – Ту бо роҳи тарафи рост меравӣ, дар наздат кӯпрук пайдо мешавад, азбаски кӯпрук кӯҳна аст,

дар зери поят фурӯ меравад. Ту ба дарё афтида ғарқ мешавӣ. Туро тасодуфан роҳгузаре наҷот медиҳад.

Ҷангалбон ба гапҳои мӯзаҳояш бовар накард.

– Ҳамааш бофта, – гуфт ӯ. – Ман бо роҳи тарафи рост садҳо маротиба рафтаам ва ба ман ҳеҷ воқеа рӯй надодааст.

– Ту чӣ хеле хоҳӣ, ихтиёрат, аммо мо намеравем, ҷавоб доданд мӯзаҳо.

Нахоҳед худатон рафтан гиред гуфт, – ҷангалбон.

Аз пояш мӯзаҳоро кашида, худ ба тарафи рост равон шуд. Мӯзаҳо бошанд ба тарфи чап.

Ҷангалбон ба кӯпрук расид. Кӯпрук фурӯ рафт, ҷангалбон ба дарё афтод, қариб буд, ғарқ шавад. Овози имдодталабонаи ӯро шунида роҳгузаре, ки аз занбурӯғчинӣ меомад, ба ёриаш тохт ва ӯро аз об баровард. Ҷангалбон ба сару либоси таршудааш нигоҳ накарда ба хона шитофт. Дари хонаро кушода ҳамоно чашмаш ба мӯзаҳо афтод, ки дар ҷои худ истодаанд.

– Канӣ, кӣ ҳақ будааст? – дарҳол пурсиданд онҳо.

Ҷангалбон чизе ҷавоб надод. Аммо аз ҳамон рӯз сар карда ба мӯзаҳояш гӯш мекардагӣ шуд. Онҳо чӣ қадар маслиҳат медоданд, ҳисоб надошт.

## Савол ва супориш:

**1.** Ба сухани мӯзаҳо гӯш накардани ҷангалбон оё дуруст буд?
**2.** Ҷангалбонро аз ғарқшавӣ кӣ наҷот дод?
**3.** Чаро рафтори ҷангалбон дигар шуд?
**4.** Бачаҳо, албатта, ба сухани одамони назарногир ҳам гӯш додан шарт аст.
**5.** Афсона будани матнро аз чӣ муайян мекунем, фаҳмонед.

**Машқи 1.** Феълҳои ду сархати аввали матнро муайян кунед ва нависед.
**Намуна:** дошт?, ...

**Машқи 2.** Калимаҳои зеринро истифода бурда, ҷумлаҳои алоқаманд тартиб диҳед: Офтоб, бачаҳо, гарм, ҳавз, хона.
**Намуна:** Офтоби оламоро аз паси кӯҳ баромад, ...

**Машқи 3.** Хонед ба ҷои нуқтаҳо феълҳои мувофиқ гузоред ва ҷумлаҳоро руйнавис кунед:

Саҳарӣ аз хоб...
Ба варзиш машғул...
Баъд аз шустушӯй ба нонушта шурӯъ...
Бо падару модарам хайрухуш карда ба мактаб...

## ДАРСҲОИ 99–100

## ДАР РОҲ

Офтоб ба сари кӯҳ наздик шуда, поёнтар лағжид. Мураббия ба Сабоҳат ва Ғиёс ҷавоб дода гуфт:

– Акнун даст ба даст гиреду ба хонаатон равед.

Сабоҳат ва Ғиёс тохта-тохта ва бозикунон аз боғча меомаданд. Дар сари роҳ пиразанеро диданд. Пиразан тӯқ-тӯқ асо зада рафт-рафту банохост: «Ап-тшу-у!» – гуфта атса дод.

– Бибӣ, – гуфт Ғиёс, – ин қадар сахт атса додед?

– Чӣ шуд, бачекам?

– Ман тарсидам, бибӣ.

Сабоҳат бошад:

– Саломат бошед, бибиҷон! – гуфт.

– О, боракалло, духтари нағзакак. Ту ҳам калон шав, боақлу бофаросат шав, – гуфт пиразан шод шуда кокулони майда бофтаи Сабоҳатро сила кард.

Пиразан ба Ғиёс дигар чизе нагуфт. Ҳатто нигоҳ накард.

Ғиёс аз гуфтаи худ шарм дошт ва сарашро хам кард.

Сабоҳат сабук-сабук ҷаҳидаю ҳаллос зада ба сӯи хонаашон рафт. Ӯ ҳар замон ширин-ширин механдид: дилакаш хурсанд буд.

Ғиёс ҳарчанд зӯр зад-зӯр зад, хандааш наомад. Ба ҷои вай офтобаки сари кӯҳ гарм-гарм механдид.

### Савол ва супориш:

1. Мураббия аз Сабоҳат ва Ғиёс чӣ хоҳиш кард?
2. Онҳо дар роҳ ба кӣ вохӯрданд?
3. Чаро Ғиёс ба пиразан писханд зад?
4. Сабоҳат аз шунидани атса ба пиразан чӣ гуфт?
5. Оё Ғиёс рафтори дуруст кард?

**6.** Пиразан дар ҷавоби Сабоҳат чӣ гуфт?
**7.** Сабоҳат ба сӯи хонаашон чӣ гуна мерафт?
**8.** Ғиёс аз рафтори нохубаш чӣ шуд ва чаро Офтоб ба ҳоли вай механдид?
**9.** Матнро бо овози шунаво қироат кунед.
**10.** Аснои хониш ба калимаю ибораҳои зерин диққат диҳед: Офтоб, сари кӯҳ, даст ба даст, тохта-тохта, тӯқ-тӯқ, ап-тшу-у, бачекам, саломат бошед, о, боракалло, духтари нағзакак, калон шав, боақлу бофаросат шав, шарм дошт, сарашро хам кард, ҷаҳидаю ҳаллос зада, ширин-ширин механдид, дилакаш хурсанд буд, хандааш наомад, гарм-гарм механдид.

**Машқи 1.** Матнро аз назар гузаронед ва феълҳояшро муайян карда нависед.
**Машқи 2.** Ду сарҳати охири матнро нависед.
**Машқи 3.** Мувофиқи мазмуни матн саҳнача ташкил кунед.

**Иштирокчиён:**
**1.** Мураббия. **2.** Сабоҳат. **3.** Ғиёс. **4.** Пиразан. **5.** Офтоб.

## ЧИСТОН

**1.** Рангзарди рӯи ҷаҳон.
Гармиаш бахти ҷаҳон. (о . . . б)

**2.** Яктаак фатир,
Ҳама олам сер. (. ф . об)

**3.** Шабраву рӯзбиё. (. фтоб)

## ДАРСҲОИ 101–102

## ДӮСТОНИ БЕЗАБОНИ МО (ҲАЙВОНОТ) АЗ ҲАМА ЗӮРТАР КИСТ?
### (Афсона)

Будаст, набудаст, як харгӯшаки далеру доно будаст. Вай хушу хуррам зиндагӣ мекардааст. Вале рӯбоҳ ӯро дошта хӯрдан мехостааст.

Як шаб рӯбоҳ дари хонаи харгӯшакро кӯфта гуфтааст:
– Дарро кушо, камтар гарм шавам!
– Меҳмон дорам! – бепарво ҷавоб додааст харгӯшак.
– Кист меҳмони ту? – ба ғазаб омада пурсидааст рӯбоҳ.
– Гург! – ҷавоб додааст харгӯшак.
Рӯбоҳ гурехта рафтааст.
Дере нагузашта худи гург омадаст.
– Дарро кушо, камтар гарм шавам! – гуфтааст вай.
– Меҳмон дорам! – бепарво ҷавоб додааст харгӯшак.
– Кист меҳмони ту? ба ғазаб омада пурсидааст гург.
– Шершоҳ! – ҷавоб додааст харгӯшак.
Гург ҳам гурехта рафтааст.
Як поси шаб дари харгӯшакро боз кӯфтаанд. Ин дафъа Шер омада будааст.
– Ҳой, гӯшдароз, гуфтааст шер, – дарро кушо, камтар гарм шавам!
– Меҳмон дорам! Тақсир! – ҷавоб додааст харгӯшак.
– Кист меҳмони ту? – ба ғазаб пурсидааст Шер.
– Одам! – ҷавоб додааст харгӯшак.
Шер ҳам номи одамро шунида ба даруни беша гурехта рафтааст.
Харгӯшак аз ҳилаи ёфтааш хурсанд шуда, худ ба худ гуфтааст:
– Дар рӯи замин аз ман донотар ҷондор нест!
Аммо хурсандии ҳаргӯшак дер давом накардааст. Агар худи одам омада монад, чӣ кор мекунам? чӣ баҳона меёбам? Аз одам зӯртар кист? – фикр кардааст вай.
Албатта, он шаб дари хонаи харгӯшакро Одам накӯфтааст. Вале вай ба ҳамон саволи худ ҷавоб наёфтааст. Дар ҳақиқат аз одам зӯртар кӣ бошад?!

**Азизи Азиз**

### Савол ва супориш:

1. Харгӯшак аз кӣ хавф дошт?
2. Аз ҳама кӣ зӯртар будааст?
3. Мазмуни афсонаро нақл кунед.

**Машқи 1.** Аввали матнро то ҷумлаи: **Рӯбоҳ гурехта рафтааст,** – нависед.

**Супориш:** Ба хушнависӣ риоя кунед.

**Машқи 2.** Аз ҷумлаҳои навиштаатон феълҳоро муайян карда ба онҳо саволҳои мувофиқ гузоред ва номбар созед.

**Машқи 3.** Аз афсонаи «Аз ҳама зӯртар кист?», хулоса бароред ва нависед. Дар навиштатон аз феълҳо дуруст истифода баред.

**Машқи 4.** Бо исмҳои «одам», «зоғ», «лона», яктоӣ ҷумла тартиб диҳед.

**Супориш:** Садоноки «о»-ро истифода бурда калимаҳо созед, нақшаро пур кунед. **Намуна:** О-фтоб – Офтоб

О- О-

О- О-

## ДАРСҲОИ 103–104

## ЗАРБУЛМАСАЛ ВА МАҚОЛҲО

Камдонӣ аз камхонӣ аст.
Меҳнат бахт аст.
Пурсидан айб нест.
Ҳар кӣ бо бадон нишинад, некӣ набинад.
Бо моҳ шинӣ, моҳ шавӣ, бо дег шинӣ, сиёҳ шавӣ.
Эҳтиёт нисфи ҳаёт.
Шарафмандӣ аз меҳнат аст.
Илм хоҳӣ, такрор кун,
Ҳосил хоҳӣ, шудгор кун.
Ҷав корӣ – ҷав, гандум корӣ – гандум мегирӣ.
Хоксорӣ зиннати инсон аст.

**Супориш:** Зарбулмасал ва мақолҳоро бодиққат хонда маънидод кунед, онҳоро дар хотир гиред.

**Машқи 1.** Аз матн шаш мақолро интихобан нависед ва феълҳояшро муайян карда савол гузоред.

**Машқи 2.** Феълҳои зеринро ба замонҳо (гузашта, ҳозира ва оянда) ҷудо карда нависед: Омад, меравад, рафт, хӯрд, менишинад, хӯрда истодааст, меояд, мерӯбад, хоҳад хонд, хоҳад рафт, қироат кард, шунид меояд, месозад.

**Намуна:**

1. Замони гузашта — омад
2. Замони ҳозира — хӯрда истодааст
3. Замони оянда — меравад

**Машқи 3.** Калимаҳои зеринро истифода бурда ҷумлаҳо тартиб диҳед ва исму феълҳояшро муайян кунед. Офтоб, шамол, фасл, гарм.

**Намуна:** Офтобро абрҳо <u>панаҳ</u> <u>карданд</u>, ...
панаҳ карданд – феъл ва офтобу абр исм мебошанд.

## ДАРСҲОИ 105–106

### САЗОИ ДАРСГУРЕЗ

I

Боре ба мактаб нарафтам, сабабашро худам ҳам намедонистам. Дилам нахост, нарафтам.

Аз хонаи мо дуртар, канори роҳ ғоре ҳаст. Атрофашро хоктеппаҳо иҳота кардаанд. Ман дар паси яке аз ин хоктеппаҳо нишаста, китобдонам дар оғӯш, ҷониби мактаб менигаристам. Агар муаллим ба суроғам ояд, аз ин ҷо ӯро медидам.

Бачаҳо тозон ба саҳни мактаб баромаданд. Маълум, ки дарси якум ба охир расидааст. Лекин касе ба суроғи ман наомад. Дилам танг шуд. Азбаски дурудароз ба як тараф нигаристам, гарданам шах шуд, аммо касе наомад. Дарси чорум ҳам анҷом ёфт. Бачаҳо китобдонҳо дар даст сӯи хона раҳсипор шуданд. Ман мехостам ноаён ба онҳо ҳамроҳ шуда хона равам, то падару модарам дарсгурезиамро пай набаранд. Яке бинам, ки муаллимамон Ораз сӯям меояд! Чӣ бояд кард? Китобдонамро гирифта ҷониби хона давидам.

Сагамон Акбай аз ман тарсида гурехт. Мурғҳо, гӯё калхотро дида бошанд, қуд-қудкунон ба чор тараф париданд. Модарам, калтакча дар даст, тозон аз хона баромад ва якбора маро дида пурсид:

– Ба ту чӣ шуд?
– Оча, маро пинҳон бикун!
– Чӣ гап шуд? Чаро либосҳоят пури хоку чанг?
– Муаллим меояд!
– Хайр, чӣ?

– Ман мактаб нарафтам... Пинҳон кун маро, очаҷон!
Модарам аз дастам дошта гуфт:
– Рафтем!..

### Савол ва супориш:

**1.** Матнро хонед, хулоса бароред.
**2.** Сабаби ба мактаб нарафтани писарак дар чист?
**3.** Мактабхон аз дур чиро назора мекард?
**4.** Чаро писарак аз муаллими худ пинҳон шудан хост?
**5.** Писарча аз модараш чӣ илтиҷо кард?
**6.** Модар чӣ чора андешид?

**Машқи 1.** Матнро аз назар гузаронед ва феълҳояшро муайян карда, ба онҳо саволҳои мувофиқ гузоред. Аввал феълҳо, баъд исмҳоро номбар созед.

**Намуна:** Нарафтам – чӣ кор кардам? ...

**Машқи 2.** Аз матн танҳо феълҳояшро интихоб карда нависед.

**Супориш:** Замони се феъли навиштаатонро (гузашта, ҳозира ва оянда) муайян кунед ва бо ин мақсад аз саволҳои феъл истифода баред.

**Машқи 3.** Ба ҷои нуқтаҳо феълҳои партофташударо аз қавс ёфта гузоред, баъд ҷумлаҳоро хонед.

Дар оилаи мо панҷ нафар зиндагонӣ ... Падару модар ва ману хоҳараконам ... Падарам ба касби омӯзгорӣ ... Модарам дар хонаи бачаҳо мураббия ... Ман дар синфи сеюм ва хоҳараконам дар синфҳои якум ва дуюм ...
(мекунем, машғул аст, шуда кор мекунанд, мехонем).

## ДАРСҲОИ 107–108

## ПУШАЙМОНӢ
## II

...Дар оғили хурдакаке барраҳоро нигоҳ медоштем. Модарам маро ба он оғил андохта, дарро аз берун баст ва таъкид кард:
– Нафас накашида шин!
– Дамам гирифт. Сулфидам.
– Оромакак шин, падарат фаҳмад... Ана, Ораз – муаллим меояд.

Барраҳо гумон карданд, ки ман очаашон ҳастам. Сару рӯямро мебӯсиданду мелесиданд. Онҳоро тела медодам, вале муаллим, ки ба ёдам мерасид, лаб мегазидам.

– Ассалому алайкум!

– Ваалейкум ассалом! – ҷавоб гардонд падарам.

– Ба хона марҳамат кунед, муаллим!

– Ташаккур. Омадам, фаҳмам, ки ба шогирди ман чӣ шуда бошад?

– Кадом шогирдатон?

– Э, Ораз – муаллим, – ба гап шарик шуд модарам, – вай имрӯз нотоб шуд...

– Наход?

Онҳо ба хона даромаданд, модарам пичиррос зад:

– Нишастаӣ?

– Рафт?

– Ҳанӯз не, чой мехӯранд...

Дар ҳавои гарму нарми оғил хобам бурдааст. Як вақт бедор шудам, аммо аз ҷоям хеста натавонистам. Пойҳоям карахт шудаанд, гарданам дард мекард.

– Не, хеста наметавонам.

– Ин хел бошад, дастатро ба ман деҳ.

Вақте ки модарам дастамро дошта маро аз оғил баровард, рӯз бегоҳ шуда буд. Маълум, ки дар «ҳуҷра»-и барраҳо хеле хобидаам.

Ҳамроҳи модарам ба хона даромадам.

Падарам пӯстин медӯхт. Ӯ аз болои айнак ба ман нигариста гуфт:

– Э, омадӣ?

Ҳа, оҳиста ҷавоб додам. Гумон доштам, ки танбеҳ медиҳад, не дигар чизе нагуфт.

Баъдтар фикр кунам, худи ҳамин ҷазо будааст. Ман дигар то ҳол аз ягон дарс намондаам.

**Қосим Нурбодов**

### Савол ва супориш:

1. Чаро модар писараршро ба оғил андохт?
2. Падару модар ба муаллим чӣ ҷавоб доданд?
3. Писар аз рафтори худ ба чӣ хулоса омад?

**4.** Шумо ба рафтори писарак чӣ баҳо медиҳед?
**5.** Матнро бодиққат хонед, нақл кунед.
**6.** Дар бораи рафтори баъзе ҳамсинфони худ, ки нисбат ба таҳсил беэътиноӣ доранд, сӯҳбат ташкил кунед. Мактабро дӯст доред, ки танҳо вай шуморо хушбахт мегардонад.

**Машқи 1.** Сарҳати аввалро аз матн нависед. Ҳангоми навишт ба ҳусни хат ва беғалат навиштани калимаҳо диққат диҳед.
**Супориш:** Тарзи навишти калимаҳоятонро аз назар гузаронед ва агар калимаҳоро нодуруст навишта бошед, тарзи дурусташро бори дигар аз матн дида агар ғалат бошад, ислоҳ кунед.
**Машқи 2.** Порчаи зеринро нависед ва дар асной навишт феълҳоеро, ки партофта шудаанд, аз матн ёфта ба ҷои нуқтаҳо гузоред:

Барраҳо гумон ... ки ман очаашон ... сару рӯямро ... Онҳоро тела ... вале муаллим, ки ба ёдам ... лаб ...
– Ассалому алайкум!
– Ваалайкум ассалом! – ҷавоб ... падарам.
Ба хона марҳамат ..., муаллим!
Ташаккур ... ..., ки ба шогирди ман чӣ ... ... ?

**Супориш:** Мушоҳида кунед, ки феълҳо дар куҷои (аввал, байн, охир) ҷумлаҳо омадаанд.

**ҚОИДА:** Феълҳо қариб дар ҳар ҷумла омаданашон мумкин аст. Агар феълҳоро дар гуфтугӯ ва ё дар навишт истифода набарем, маънои ҷумлаҳоямон нофаҳмо ва нутқамон халалдор мегардад.

**Хонед:**

## БИБИҶОНАМ

Бибиҷонам меояд,
Дилу ҷонам меояд.
Аз роҳи дур меояд,
Базӯр-базӯр меояд.

Бибем ояд, мо хурсанд,
Кисаҳояш пури қанд.
Мавизу мағз меорад,
Чизҳои нағз меорад.

**Гулчехра Сулаймонова**

**Супориш:**

1. Матни болоро хонед ва аснои хониш калимаҳои ифодагари амалу ҳаракати ашёҳоро истифода набаред ва такроран дуруст хонед.
2. Муқоиса кунед, ки кадом намуди қироатамон дуруст аст!
3. Матни шеъри «Бибиҷонам»-ро аз ёд кунед.

## ДАРСҲОИ 109–110

## ЗОҒ ВА МОР

Зоғе дар камари кӯҳе хона гирифт ва дар шикофи санге ошёна сохта буд. Дар наздикии он сӯрох море зиндагӣ мекард. Ҳар гоҳ, ки зоғ бача мениҳод, мор онро мехӯрд ва ҷигари зоғ ба доғи фироқи фарзанд месӯхт. Чун ситамгарии мор аз ҳад бигзашт, зоғ даромада шикояти он ҳол ба шағоле, ки дӯсти ӯ буд, дар миён оварда гуфт:

– Фикр мекунам, ки худро аз балои мор ва ранҷи ин золими ҷонситон бираҳонам.

Шағол пурсид:

– Ин корро чӣ тавр анҷом медиҳӣ?

– Мехоҳам, ки чун мор дар хоб шавад, ба минқори хунхор чашми ҷаҳонбинаш барканам, то дигар қасди фарзандони ман кардан натавонад ва фарзандонам, ки нури дидаи мананд, аз ӯ халос шаванд.

Шағол гуфт:

– Ин тадбири ту аз роҳи дуруст берун аст. Хирадмандон қасди душманро бояд тарзе кунанд, ки дар он хатари ҷон набошад. Зинҳор, ки аз ин фикр бигзар то худатро ба бало гирифтор накунӣ!

Зоғ гуфт:

– Аз ишорати дӯстон гузаштан мумкин нест.

Шағол гуфт:

– Дурусташ он аст, ки дар авҷи ҳаво парвоз кун ва бар бомҳову саҳроҳо назар афкан. Дар он ҷо зевареро бинӣ, ки дуздидани он осон бошад, бардор ва боз ба ҳаво парвоз кун, аммо аз чашми онҳо ғоиб мабош. Дур нест, ки баъзе мардум дар талаби зевар аз ақиб оянд. Чун наздики мор расӣ, зеварро ба болои мор парто, то ки назари мардум бар вай афтад. Албата, онҳо аввал морро кушта пас зевари худро хоҳанд гирифт ва ту аз заъфи мор халос хоҳӣ шуд.

Зоғ ба ишораи шағол рӯй ба ободонӣ овард. Занеро дид, ки бар гӯшаи бом зеваре ниҳодааст. Зоғ инро даррабуд ва ба ҳамон дастур, ки шағол гуфта буд, ба болои мор андохт. Мардумон, ки дар пайи зоғ омада буданд, зуд сари морро кӯфта зеварро бардоштанд ва зоғ аз зарари мор халос шуд.

Хулоса, он кореро, ки ба ҳила кардан мумкин аст, ба қувват мумкин набошад.

**Аз «Калила ва Димна»**

### Савол ва супориш:

**1.** Зоғ дар куҷо лона гузошта буд?
**2.** Дар ҳамсоягии зоғ чӣ зиндагӣ мекард?
**3.** Бачаҳои зоғро ҳар сол чӣ мехӯрд?
**4.** Зоғ дар фироқи бачаҳояш ба чӣ муроҷиат кард?
**5.** Маслиҳати шағол чӣ натиҷа дод?
**6.** Шумо низ ба ҳилаи шағол ҷонибдор ҳастед?
**7.** Афсона будани ин матнро чӣ хел пай бурдед?
**8.** Мазмуни матнро нақл кунед.
**9.** Пандро хонед, шарҳ диҳед:

Як гули мақсуд дар ин бӯстон,
Чида нашуд бе мадади дӯстон.

**Саъдии Шерозӣ**

### Луғат:

***Ошёна*** – лона, хона.
***Бача мениҳод*** – бача (тухм) мегузошт.
***Ситамгарии мор*** – зулму золимии мор.
***Ранҷ*** – азоб.

**Машқи 1.** Калимаҳои «зоғ, мор, шағол, мардум»-ро нависед.
**Супориш:** Бо калимаҳои додашудаи боло ва бо истифода аз матн ҷумлаҳо тартиб диҳед.
**Машқи 2.** Аз рӯи мазмуни афсонаи «Зоғ ва Мор» ҳикоячаи чор-панҷ ҷумладор тартиб дода нависед ва ба зери феълҳо хат кашед.
**Супориш:** Парандаю хазандаҳои маҳали худро номбар кунед ва номҳояшонро нависед. Гӯед, ки ин калимаҳо кадом ҳиссаи нутқанд.

## ДАРСҲОИ 111–112

### ДЕВБАРЗАНГӢ
**(Афсонаи халқӣ)**

Буд-набуд, як замоне дар як кунҷи ҷаҳон кампираке буд. Кампирак духтараке дошт, ҳушёру чаққон. Духтарак ҳеҷ бекор шишта наметавонист, ҳавлӣ мерӯфт, хона мегундошт, хӯрок мепухт, пахта мересид, матоъ мебофт, либос медӯхт.

Рӯзе духтарак то хуфтан ба чархресӣ машғул шуд. Кампиракро хоб омаду гуфт:

– Вақти хоб шуд, духтарам чароғро кушу хоб кун, ки мабодо балое аз дашти Карбало омада, чароғро дида, ба хонаи мо надарояд.

– Сабр кун, модар, – гуфт духтар, реси ресонаш кунам, ресмон ресонаш кунам!

– Реси ресона бас кун! Ресмон ресона бас кун! Ба сари мо балое меоварӣ, – гуфт кампир.

Духтар кордӯст буд, ба гапи модараш надаромада, кор кардан гирифт. Кампир як ғанаб карда, сарашро бардошта, нигоҳ карда, ки духтараш машғули бофтан аст, гуфт:

– Эй духтари гапнодаро, кай хоб мекунӣ?!

– Бофи бофон мекунам, бурри буррон мекунам, дӯзи дӯзон мекунам, пӯши пӯшон мекунам, баъд хоб мекунам, – ҷавоб дод духтар.

Духтар матоъ бофта, бурида, дӯхта, акнун пӯшида буд, ки Девбарзангӣ хандакунон даромада омада гуфт:

– Чароғи тобонро дидам, либоспӯшонро дидам, духтари рахшонро дидам, хурсанду хандонро дидам.

Духтарак тарсида, чароғро пуф карду ба бағали модараш даромада пинҳон шуд.

Модар гуфт:

– Якравӣ кардӣ, духтарам, сарамонро ба бало мондӣ!

Девбарзангӣ модару духтарро тела дода гуфт:

– Будаст магаро, буди набудаст магаро, дар шаҳри шумо пеши меҳмон хестан набудаст магаро?

Кампир аз ҷояш хеста, чароғро гиронд.

Дев боз гуфт:

– Будаст магаро, буди набудаст магаро, дар шаҳри шумо пеши меҳмон нон мондан набудаст магаро?

Кампир пеши Девбарзангӣ дастархон андохта, нон гузошт.

Девбарзангӣ дасташро ба нон дароз карда буд, ки духтар гуфт:

– Будаст магаро, буди набудаст магаро, одати девон даст нашуста нон хӯрдан будаст магаро?

– Куҷо даст шӯям? – пурсид Девбарзангӣ.

Духтар тозон берун баромад. Дар рӯи ҳавлӣ чоҳе буд бисёр чуқур. Духтар сарпӯши чоҳро гирифту рӯяшро бо навдаву хас пӯшонида, худаш он тарафи чоҳ истода, девбарзангиро чеғ зад:

– Мана об, биё дастатро шӯй!

Девбарзангӣ ба пеши духтар равон шуда, бегумон ба рӯи хас қадам монда буд, ки якбора ба чоҳ афтоду ду пояш шикаст. Духтарак даҳони чоҳро маҳкам кард.

Духтараки ҳушёру чаққон, бо ҳамин тадбир балоро аз сарашон дур карда, чӣ хел ки дилашон мехост, ҳамон хел зиндагӣ карда гаштанд.

### Савол ва супориш:

**1.** Духтарак ба чӣ корҳо машғул буд?
**2.** Вақти хоб модараш аз ӯ чӣ хоҳиш кард?
**3.** Духтарак ба ӯ чӣ ҷавоб дод?
**4.** Якравии духтарак ба чӣ оварда расонид?
**5.** Девбарзангӣ аз онҳо чӣ хоҳиш кард?
**6.** Духтарак чӣ тадбир андешид?
**7.** Афсонаро бодиққат хонед, мазмунашро нақл кунед.

**8.** Феълҳоро муайян карда ба зерашон хат кашед.
**9.** Се сархати охири матнро нависед.

## ДАРСҲОИ 113–114

### ТӮЙ ОМАД

«Аз боло ғубор омад»
Мошино қатор омад.
Сози ёр-ёр омад,
Қудои бисёр омад.
Нақора ба ҳар созе,
Дилро медиҳад бозӣ.
Сурнайчии нағмагар,
Медиҳад ин хушхабар:
– Тӯй омаду тӯй омад,
Арӯси хушрӯй омад.
Кӯча тамошоҷо шуд,
Даҳони ҳама во шуд,
Холаяки Сайёра.
Аз по монда бечора,
Гӯянд чӣ рӯзи фирӯз
Ба хона ояд арӯс.
Ҳама аз дуру наздик,
Мекунанд ӯро табрик:
Арӯсу шаҳ муборак!
Рамзи фараҳ муборак!
«Аз боло ғубор омад»
Мошина қатор омад.
Кӯчаи мо шуд баҳор,
Ба монанди лолазор.
Ҳар сӯ тангаборон шуд,
Қандалот фаровон шуд,
Тамошои калон шуд,
Ин гап вирди забон шуд:
Шаҳ омаду шаҳ омад!
Арӯси чун маҳ омад!
Шаҳ Анвари ҷони мо,
Акои калони мо.
Ҳамсояи хуби мо,
Рафиқи маҳбуби мо.
Арӯси шаҳ кӣ бошад?
Рӯяш чу маҳ кӣ бошад?
«Аз боло ғубор омад»
Мошина қатор омад.
Пеш аз ҳама давидем,
Ба мошина расидем.
Бо ҳазору як ҳила,
Рӯи арӯса дидем.
Ҳайрон шудем якбора –
Ин келини Сайёра,
Ин арӯси Анварҷон,
Ин олами чароғон.
Хоҳари Амон будаст,
Апаи Ҷаҳон будаст!

**Гулчеҳра Сулаймонова**

**Супориш:**
1. Байтбарак ташкил кунед.
2. Таронаро бодиққат хонед, мазмунашро нақл кунед.

**Машқи 1.** Аз матн феълҳоро ёфта замонҳояшонро муайян кунед ва ба онҳо саволҳои мувофиқ гузоред.

**Супориш:**

**1.** Аҳамияти феълро дар нутқ гуфта диҳед.

**2.** Аз матн аввал исмҳо, дуюм сифатҳо ва сеюм феълҳоро муайян карда ва саволҳои мувофиқ диҳед ва нависед.

**ДАРСҲОИ 115–116**

## ОРЗУИ МӮНИСА

Мӯниса духтари миёнақади кулчарӯ буд. Чашму абрӯвони сип-сиёҳ дошт. Мӯи фатилааш ҳамеша ба пешонааш фаромада меистод. Аммо ҳушёру зирак, маънои гапи аз даҳонатон баромадаро зуд дарк мекард. Аз ин ҷост, ки модараш ӯро: «Доноякам», гӯён таъриф менамуд. Аз рӯяш мебӯсид. Боғчаи Мӯниса чандон дур набуд. Бинобар ҳамин, ҳар пагоҳӣ модараш ӯро ба боғча мебурду баъд ба кораш мерафт. Мӯниса дасти модарашро дошта ба роҳ медаромад. Ду тарафи кӯча заминҳои хоҷагӣ буд. Палакҳои харбузаву бодиринг, караму помидор нашъунамо мекарданд. Духтарча роҳравон чизи ба назараш намударо мепурсид. Модар як-як ҷавоб медод. Кӯшиш мекард, ки духтараш ҳама чизро чуқур, васеътар фаҳмида гирад. Аз пеши фермаи хоҷагидорӣ мегузаштанд. Говҳои зотӣ дар он ҷо алаф мехӯрданд.

– Оча! Оча! – Мӯниса бо ҳаяҷон модарашро аз роҳ боз дошт. – Вай паранда чӣ ном дорад?

Модар ба он сӯ нигоҳ кард. Дар шохи гови ало парандаи қаҳваранг менишаст. Вай хам шуда, ба гирду атрофи чашми гови ало тез-тез минқор мезад.

– Майна ном дорад, духтарам, – гуфта ҷавоб дод ӯ.

– Нигоҳ кунед оча, – домани модарашро кашид Мӯниса. – Вай чашми говро кофта истодааст.

– Не, майнаҳо чашми говҳоро намекобанд, духтарам, – ба Мӯниса фаҳмонд модараш. – Онҳо канаи говҳоро чида мехӯранд.

– Мехӯранд? – духтарча ҳайрон шуд. – Пас, говҳо намемуранд?

– Баръакс, – боз фаҳмонд модар. – Канаҳо душмани қаттоли

молҳоанд. Онҳо дар оғилҳо афзуда, ба тани молҳо мечаспанд. Хунашонро мемаканд. Майнаҳо ана ҳамон канаҳоро мехӯранду говҳо солиму фарбеҳ мешаванд.

– Баъд чӣ мешавад? – боз пурсид духтарча.

– Чӣ мешуд? – гуфт дар ҷавоб модар. – Вақте ки солиму фарбеҳ шуданд, соҳибони говҳо ширу қаймоқро ба боғчаҳои кӯдакон месупоранд. Онҳоро шумоён мехӯретону калон мешаветон.

– Калон шавем чӣ кор мекунем, оча?

– Апаат барин дар ферма говдӯш мешавӣ.

– Не, ман ширдӯшӣ намекунам, оча, – гуфт Мӯниса. – Ман фақат қаймоқ медӯшам. Чунки қаймоқ бомазза аст.

– Майлаш, – хандид модар. – Тезтар гард, Мӯнисаҷон. Ба боғчаат дер мемонем.

Духтарча боз дасти модарашро дошт. Онҳо роҳашонро давом медоданд.

**Болта Ортиқ**

### Савол ва супориш:

1. Матнро оромона хонед ва ба саволҳои зерин диққат диҳед.
2. Мӯниса чӣ гуна духтарча буд?
3. Рӯзона Мӯнисаро модараш ба куҷо мебурд?
4. Мӯниса аз модараш чӣ сирро фаҳмид?
5. Оё шумо ҳам додарчаю хоҳарчаатонро ба боғча мебаред?

**Машқи 1.** Аз матн феълҳоро муайян кунед ва нависед.

**Машқи 2.** Сархати аввали матнро нависед, феълҳояшро бо хатча ишора кунед.

**Машқи 3.** Ба ҷои нуқтаҳо феълҳои мувофиқ гузоред, баъд онҳоро нависед.

1. Абрҳо офтобро фаро ...
2. Борон ба боридан сар ...
3. Одамони дар кӯча буда ба сар чатр ...
4. Бачаҳое, ки футболбозӣ ..., зуд аз бозӣ даст ...
5. Шир-шири борон ба кас ҳаловат ...

Калимаҳо барои истифода: гирифтанд, кард, мекарданд, кашиданд, мебахшад.

**Натиҷагирӣ:**
Феъл ҳиссаи мустақили нутқ буда, амали иҷрошудаистодаро ё иҷронашударо мефаҳмонад.
**Мисол:**

а) иҷрошуда — Алӣ корро тамом кард.
б) иҷронашуда — Саид корро тамом накард.

**Супориш:** Ба калимаҳои аввали ҷумлаҳои машқи 3 назар кунед ва гӯед, ки онҳо кадом ҳиссаи нутқанд?

## ДАРСҲОИ 117–118

## ДУЗДРО ҚАРАҚЧӢ ЗАДААСТ

Савдогаре ба пеши подшоҳе омада, арз кард, ки ман кимиёгарам, мису биринҷиро бо доруҳои кимиёӣ тилло мегардонам.

Подшоҳ арзи ӯро қабул кард, ба вай қадре мис ва биринҷӣ дод, ки онҳоро тилло карда диҳад.

Савдогар баъд аз якчанд рӯз як сихи тилло оварду ба подшоҳ дода гуфт:

– Он мису биринҷиатон ҳамин қадар тилло шуд. Агар табъи муборак боз тилло хоҳад, қадре мису биринҷии дигар диҳед, ки ман кори худро давом кунонам.

Подшоҳ бо хурсандии тамом он як сихи тиллоро гирифта барои тилло кардан боз мису биринҷӣ дод.

Савдогар ба ҳамин тариқ, се бор ба ҷои мису биринҷии подшоҳ тилло оварда дод ва дар ин кор панҷсад мисқол тиллои худро сарф кард, аммо бори чорум барои тилло кардан дигар мису биринҷӣ напурсид.

Подшоҳ, ки аз ин корҳои савдогар даҳонаш ширин шуда буд, ба ӯ гуфт:

– Ба қадре, ки мехоҳӣ, боз мису биринҷӣ гирифта раву тилло пайдо карда биёр!

Савдогар гуфт:

– Афсӯс, ки доруҳои кимиёиам тамом шуданд ва барои ба ватани худ рафта, аз он ҷо доруҳо харида овардан бисёр пул харҷ мешавад ва ман пул надорам, ки ба ин кор харҷ кунам.

– Чӣ қадар пул даркор? – гуфта пурсид подшоҳ. Савдогар ҷавоб дод:

– Ватани ман бисёр дур аст, барои он ҷо рафта, доруҳо харида овардан панҷ ҳазор мисқол тилло лозим аст.

Подшоҳ, ки мазахӯрак шуда буд, дар дили худ фикр кард, ки «беҳтар, ки доруворро якбора бисёртар биёраду бисёртар тилло тайёр кунад».

Бинобар ин ба савдогар даҳ ҳазор мисқол тилло дода фиристод. Савдогар, ки панҷсад мисқол тиллои худро ба бадали мису биринҷӣ дода, боварии подшоҳро ёфта буд, даҳ ҳазор мисқол тиллои ӯро гирифта, ба ватани худ рафт ва дигар барнагашт.

Вақте ки ин ҳикояро донишманде шунид, гуфт:

– Зарар надорад, «Дуздро қароқчӣ задааст».

**Аз «Латифаҳои тоҷикӣ»**

**Луғат:**

*Мисқол* – пули тиллоӣ.

**Савол ва супориш:**

1. Латифаро хонед ва мазмунашро нақл кунед.
2. Аз латифа чӣ хулоса баровардед, гуфта диҳед.
3. Мулоҳиза: Оё аз мису биринҷӣ тилло сохтан мумкин аст?
4. Мазахӯрак шудани подшоҳро шумо чӣ тавр мефаҳмед, шарҳ диҳед.
5. «Дуздро қароқчӣ задааст» – гуфтани донишманд чӣ маъно дорад?
6. Ҳикматро шарҳ диҳед ва аз ёд кунед.

Гуфт: – Чашми танги дунёдорро,
Ё қаноат пур кунад ё хоки гӯр.

**Саъдии Шерозӣ**

**Машқи 1.** Ба матн назар андозед ва се сархати онро бе истифодаи феълҳо хонед. Фаҳмонед, ки магар ҷумлаҳои хондашуда бе истифодаи феълҳо маъное доранд?

**Машқи 2.** Се сархати аввали матнро нависед ва феълҳои ин ҷумлаҳоро бо хатча ишора кунед.

**Машқи 3.** Аз матн феълҳои замони гузаштаро интихобан нависед.

**Намуна:** кард, ...

**Супориш:** Матнро аз назар гузаронед ва аввал якчандто исм, баъд сифат ва дар охир феълҳояшро номбар созед.

**ДАРСҲОИ 119–120**

## МАДАДГОРИ БОБО

Шодӣ нав панҷсола шуда бошад ҳам, ба бисёр корҳо сарфаҳм мерафт. Шодӣ бобои ҳафтодсолае дошт. Ӯро Салим-ота меномиданд.

Бобо ба Шодӣ ҳикояҳои аҷоибу ғароиб гуфта медод, вайро ҳамеша ҳамроҳаш гирифта мегашт. Аз ин кори бобо Шодӣ беҳад хурсанд буд.

Боре, вақте ки ҷамъоварии ҳосили чормағз расид, Шодӣ назди бобо омад ва дарахти калони чормағзро нишон дода гуфт:

– Бобо, шумо чӣ хел ба ин дарахт мебароед?

– Чаро ба дарахт мебаромадаам? – пурсид дар ҷавоб бобо.

– Набошад чормағзро чӣ хел меафшонед?

– Дар ин кор ба ман ту ёрӣ медиҳӣ, дигарон ёрӣ медиҳанд.

– Ман хурд ҳастам, бобо, ба дарахт баромада наметавонам.

– Ба дарахт баромадан шарт нест.

– Чӣ хел?

– Баъд мефаҳмӣ, – гуфт бобо ва ҳамроҳи наберааш ба соҳили дарёе, ки деҳаро ҳалқа зада мегузашт, рафт. Бобо аз буттаҳо химча мебурид. Шодӣ онҳоро ҷамъ мекард.

Бобо аз ин химчаҳо сабаде бетаг бофт, ки ин Шодиро ба ҳайрат овард...

**Машқи 1.** Матнро хонед ва феълҳояшро номбар кунед.

**Машқи 2.** Шаш ҷумларо аз матн интихобан нависед ва феълҳоро бо хатча ишора кунед.

**Супориш:** Фаҳмонед, ки феълҳои ин ҷумлаҳои навиштаатон кадом замонро ифода мекунанд.

**Дар хотир гиред!**

Феъл се замон дорад: 1) замони гузашта: рафт; 2) замони ҳозира: рафта истодааст; 3) замони оянда: хоҳад рафт.

**Машқи 3.** Матнро такроран хонед ва мазмунашро нақл кунед.

## ДАРСҲОИ 121–122

### ҲИЛАИ БОБО

– Чаро сабади бетаг бофтед, бобо? – пурсид Шодӣ.



– Баъд мефаҳмӣ, – номуайян гуфт бобо ва сабадро ба таги дарахти чормағзе, ки он дар канори деҳа, дар наздикии хонаашон буд, бурда монд.

Нисфи шаб ба он ҷо хирс омад. Вай ба дарахти чормағз баромада, муддате чормағзро афшонд. Сонӣ ба поён фаромад ва чормағзҳои афшондаашро ба сабад андохтан гирифт.

Ин кори ӯ то пагоҳӣ давом кард. Вақте ки бобою набера сӯи дарахти чормағз мерафтанд, Шодӣ ногоҳ хирсеро дид, ки сабади холиро пуштора карда мерафт.

– Хирс! – Қариб буд фарёд кунад Шодӣ, вале дар пуштораи ӯ сабадро дида тааҷҷуб кард: – Ин сабади мо, чаро вай?..

– Баъд мефаҳмӣ, – гуфт бобо сухани Шодиро бурида ва тез-тез қадам монд.

Онҳо ба назди дарахти чормағз омаданд. Ба ҷои сабад як тӯб чормағз буд.

– Ана, акнун фаҳмидӣ, – гуфт бобо ба наберааш, – хирс ба ман чӣ хел мадад мерасонидааст: чормағзҳоро афшонд, баъд тӯб карда ба сабад андохт, аммо чормағзҳоро монду сабади холиро гирифта рафт.
Шодӣ бо завқ хандид.

**Мустафо Шарқӣ**

### Савол ва супориш:

1. Салим-ота ба Шодӣ аз чӣ хусус нақл кард?
2. Вақти ҷамъоварии чормағз Салим-ота Шодиро ба куҷо бурд?

**3.** Шодӣ аз ҳилаи бобояш чаро бо завқ хандид?
**4.** Доноӣ ба кас чӣ мебахшад? – албатта, манфиат.
**5.** Мақоли **«Инсон донотарин махлуқ дар ҷаҳон»**-ро дар хотир нигоҳ доред.

**Машқи 1.** Ду сархати аввали матнро нависед ва аҳамияти феълҳоро дар ин ҷумлаҳо гуфта диҳед.
**Машқи 2.** Дар ҷумлаҳои зерин феълҳои мувофиқро гузошта баъд нависед:
**1.** Онҳо ба назди дарахти чормағз....
**2.** Ба ҷои сабад як тӯб чормағз...
**3.** – Ана, акнун фаҳмидӣ, – ... бобо ба наберааш, – хирс ба ман чӣ хел мадад ...: чормағзҳоро ..., баъд тӯб ... ба сабат ..., вале чормағзҳоро ... сабади холиро ...
**Супориш:**
**1.** Аввал ҷумлаҳои болоро бе феъл хонед.
**2.** Феълҳоро гузошта, баъд хонед.
Феълҳо барои истифода: омаданд, буд, фаҳмидӣ, – гуфт, мерасонидааст, афшонд, карда, андохт, монду, гирифта рафт.

## ДАРСҲОИ 123–124

## ИМЛОИ САНҶИШ БО СУПОРИШИ ГРАММАТИКӢ. ПАДАР ВА ПИСАРОНАШ
**(Масал)**

Падар ба писаронаш насиҳат кард, ки бо ҳамдигар иттифоқ шуда, бе ҷангу ҷанҷол оромона зиндагӣ кунанд. Аммо онҳо ба суханони падар гӯш накарданд. Як рӯз падар ба онҳо фармуд, ки як банд химча биёранд. Вай он банди химчаро дар байни фарзандонаш гузошта гуфт: «Шиканед!»

Писарон ҳарчанд зӯр заданд, шикаста натавонистанд. Баъд падар бандро кушоду ба дасти ҳар як писараш яктогӣ химча дод, фармуд, ки шикананд.

Писарон он химчаҳои тоқа-тоқаро ба осонӣ шикастанд. Баъд падарашон гуфт:

«Шумоён ҳам мисли ана ҳамин химчаҳо ҳастед: агар бо якдигар иттифоқ шуда зиндагӣ кунед, ҳеҷ кас шумоёнро мағлуб карда наметавонад, агар бо якдигар ҷанҷолу҆ хархаша карда ҷудо-ҷудо зиндагӣ кунед, шуморо ҳар кас ба осонӣ нобуд карда метавонад».

**Мазмун аз «Ҳикматҳо»-и Луқмони Ҳаким**

Фарзанди нағз-боғи падар,
Фарзанди бад-доғи падар.

### Савол ва супориш:

1. Падар ба писаронаш чӣ насиҳат кард?
2. Ӯ фарзандонро чӣ тавр санҷид?
3. Ҳикматро аз ёд кунед.
4. Масалро нависед ва ба зери феълҳо хат кашед.

**Дар хотир нигоҳ доред:**
Феълҳо се замон доранд. Ҳар як феъл ба саволе ҷавоб мешавад. Феълҳо метавонанд давомдор бошанд. **Мисол:** хонда истодааст.
Феълҳо ҷумлаҳоро маънодор мекунанд. Бе феъл ҷумла маъно надорад. Феълҳо амали исмро мефаҳмонанд. Сифатҳо аломату хусусияти ашёҳо (исм)-ро нишон медиҳанд.

## ДАРСҲОИ 125–126

## ИМЛОИ САНҶИШӢ
## МОРО БУБАХШЕД, ДАРАХТОНИ САРСАБЗ!
### (ЧИНОРИ БЕЗАБОН)

I

Фозил корди дасташро бозидорон назди чанор омад. Ҳама ҷо хомӯшӣ. Ба пасу пеш бодиққат чашм партофт. Касе ба чашм барнахӯрд. Кордро бо шаст ба бадани чанор зад. Бадани чанори пир ба дард даромад. Фозил бошад, дардро ҳис накард, дар обу арақ ғӯтида, бо шавқ ҳарфи аввали номашро каҷу килеб кандакорӣ мекард. Чанори пир дард мекашиду Фозил аз корнамоияш шод буд. Яккачанори пири деҳа захмӣ мешуду ӯ парвое надошт. Ва ҳатто намедонист, ки барои чӣ



номи худро дар бадани чанор кандакорӣ мекунад. Чӣ, барои хотира гуфтед. Не. Фозил ин амалро дар деҳаи ҳамсоя бо чашми худ дида буд. Бачаҳои деҳаи ҳамсоя – Дукак номҳои худро дар бадани сафедор сабт намуда буданд. Одати бад ба дили ӯ роҳ ёфт ва худ бехабар аз он ки бо ин рафтораш гуноҳ содир менамояд, бо шавқ ҳарфи дуюми номашро чала-пала «навишт».

– Пӯсти хушки чанорро тарошидан шарт нест, писарам, – нобаҳангом овози шиноси мӯйсафеди Бобокалон ӯро боздошт. – Ку, бинам, чӣ кардӣ? Ҳай-ҳай, хуб накардӣ. Гумон доштам, ки пӯсти чанорро метарошӣ. Ту бошӣ... ҳай-ҳай... Дасти инсон ганда, писарам. Барои иҷрои корҳои номатлубе пеш меравад... Афсӯс, вале фаромӯш накун, ки ҳамин дарахтро ҳам дасти инсон шинондааст. Инсоне, ки фикри ману туро дошт, ҳа, бовар кун. Хуб, акнун гӯй, ки дар синфи чандум мехонӣ?..

...

– Шарм надор, писарам.

– Синфи се.

– Бале, акнун аз паси ман биё!

– Мӯйсафед ҷониби боғи Нур роҳ гирифт. Фозил сархаму парешонҳол аз паси ӯ қадам мезад.

– Мана расидем, – нафас рост кард мӯйсафед. – Дар бораи ин боғ ту шояд чизе надонӣ. Бунёдгари он Нури деҳқонро ҳам, вале ман ҳамаро ёд дорам. Нур вақте ки боғро бунёд намуд, ҳамсоли ту буд. Ҳамаи ин долу дарахте, ки мебинӣ, аз кӯҳу камар ниҳол оварда шинонду сабзонд. Аммо бин, ки дар бадани ягон дарахт номашро нанавиштааст. Не! Чаро нависад? Бе ин ҳам ин ҷоро ҳама боғи Нури деҳқон мегӯянд. Албатта, ин боғ сӣ-чил сол қабл бунёд шудааст. Ва ҳоло меваи онро мову ту мехӯрем...

**Супориш:**

**1.** Матнро хомӯшона хонед, баъд мазмунашро бо овози шунаво нақл кунед.

**2.** Аз кори бади Фозил хулоса бароред ва ин хислату одати бади ӯро дар байни худ муҳокима кунед.

**3.** Сархати охири матнро нависед. ва ба мазмунаш дурусттар диққат диҳед.

**4.** Нақл кунед, ки мактаби шумо ҳам боғ дорад ва кадом намуди дарахтон дорад.

**5.** Ҳафт номи дарахти мевадор ва 3 номи дарахти бемеваро (бесамарро) нависед.

## ДАРСҲОИ 127–128

### САВОЛҲОИ БОБО

### II

...Акнун ман ба ту чанд савол дорам, писарам. Лекин аввал қавл бидеҳ, ки ба саволҳоям ҷавоб медиҳӣ.

– Ҷавоб медиҳам.

– Мактаби шумо боғ дорад?

– Дорад, ҳа...

– Бале. Медонӣ онро кай бунёд кардаанд?

...

– Намедонӣ, боке не. Дар синфи шумо чанд кас мехонад?

– 23 нафар.

Хеле хуб аст. Бисту се ниҳол, ҳа, ҳайрон нашав. Агар танҳо як баҳор ҳамаи шумо 2-донаӣ ниҳол шинонед, худ як боғ мешавад. Вале ниҳолро баробари шинондан тарбия бояд кард. Вагарна боғ намешавад. Ба ин бовар кун. Чаро инро ман ба ту мегӯям. Ман боғи мактаби шуморо дидаам ва аз ҳолаш огоҳ ҳастам.

Шумо дар як синф бисту се нафар. Дар мактаб бошад, шукр, – бисёрӣ. Вале вақте ки аз паҳлуи мактаби шумо мегузарам, ба ростӣ, дилам ғаш меорад. Дуруст, ки баҳорон фаъолед шумо. Ба ҳавас ниҳол мешинонед. Аммо ғами парвариши онро надоред. Яъне корро ба дӯши боғбон вомегузоред, вассалом.

Мӯйсафеди Бобокалон бо Фозил бозпас ба таги чинор омад.

– Таваллуди ин чинорро ҳафт пушти ман намедонад, писарам. Ин дарахт барои мо мардуми деҳа хизмати бузург кардааст. Беҳтарин лаҳзаҳои зиндагии сарҷамъонаи мардуми деҳа рӯи суффаи таги ҳамин чинор гузаштааст. Ҳар шоху навдаи он шоҳиди қиссаю саргузаштҳои аҷиби мо мардум аст. Пас, муносибати ту нисбат ба ин дарахти бузург гуноҳест азим, – гуфт мӯйсафед ва худ аз лаби ҷӯи паҳлуи чинор як панҷа лой гирифта кандакории Фозилро молид. Бо ин васила гӯё ба захми бадани чинори пир марҳам молид. Фозил аз карда пушаймон бо сари хам аз мӯйсафед узр пурсид. «Эй чанори бузург, гуноҳи маро бубахш!» – таги дил илтиҷо кард ӯ.

Фозил мӯйсафед Бобокалонро, ки чанд лаҳза пеш чашми дидан надошт, дӯст дошт, аз таҳти дил дӯст дошт. Ва нисбат ба бачаҳои деҳаи ҳамсоя нафраташ омад. Худрову онҳоро сарзаниш кард. Дар дил аҳд кард, ки ҳатман ба назди ҷӯраҳояш ба деҳаи ҳамсоя меравад. Ва мегӯяд, ки ҳой Шодӣ, Аброр, Эҳсон, Ҳасану Баҳром! Шумо гунаҳкоред! Чаро номи худро ба танаи сафедор навиштед? Охир ин ҷоҳилист, на зинда нигоҳ доштани ном. Ба ҷои ин кирдори бад мисли Нури деҳқон дарахт шинонед, талу теппаҳои ӯрёнро обод кунед. Он гоҳ номи шумо дар забони мардум мемонад. Шуморо ба некӣ ёд мекунанд, мефаҳмед?

### Савол ва супориш:

**1.** Мӯйсафед аз Фозил чӣ пурсид?
**2.** Ӯ Фозилро чӣ насиҳат кард?
**3.** Чаро мӯйсафед Фозилро ба таги чинор овард?
**4.** Фозил аз рафтораш ба чӣ хулоса омад?
**5.** Ӯ дар дилаш чӣ аҳд кард?
**6.** Дарахтони шинондаатонро парвариш намоед. Аз сояю мева на танҳо одамон, инчунин парандаҳо низ истифода мебаранд.
**7.** Баракати умр хоҳед, дарахт шинонед.
**8.** Мувофиқи мазмуни матни «Моро бубахшед, дарахтони сарсабз» нақли хаттӣ нависед.

## ДАРСҲОИ 129–130

Инсон дар Замини бузург зиндагӣ мекунад ва онро ободу зебо мегардонад. Аз қаъри он нефту газ, тиллою нуқра ва дигар канданиҳои фоиданок ҳосил мекунад. Аммо ин ҳам барояш нокифоя аст. Боз мехоҳад, ки ба кайҳон парвоз карда, сирри онро низ омӯзад, аз асрораш бохабар шавад. Албатта, шумо ҳам калонтар шавед, орзуи ба кайҳон парвоз кардан мекунед. Шоир Ҳабибулло Файзулло дар ин мавзӯъ шеъре офаридааст. Биёед онро хонда ба мазмуни кайҳон дурусттар сарфаҳм равем.

### ПАРВОЗИ ШӮҲРАТ

Дар фазо парвоз дорад,
Ҳамрадифи нуриён.
Киштии кайҳонии мо
Зодаи ақлу хирад,
Шоҳраҳ бикшода гӯё,
Аз замин то осмон.
Мекунад кайҳонкушоӣ,
Дар миёни ахтарон,
Худ ҷуфти ахтар гаштаанд.
Ахтаронро гармӣ бахшад,
Хандаҳои гармашон.
Аршиёни мурда бӯи
Зиндагонӣ мекунанд.
Родмардони заминӣ
Қаҳрамонӣ мекунанд.
Пардаи асрорҳову
Қобуси андешаҳо
Боз бинмоянду бикшоянд
Дунёи фалак.

Дидаи кайҳоннавард.
Андар ин бевазниҳо,
Вазни фалак бардошта.
Гӯё дар баҳри гардунҳо,
Шиновар гаштаанд.
Нақши пои хешро,
Дар каҳкашон бигзошта.
Дидаҳои нуриён
Равшан шуд аз дидорҳо,
Фош гашта олами
Пинҳону пайдои фалак.
Киштии кайҳониву
Кайҳоннавардони далер
Дар фазо парвоз дода,
Шӯҳрати аҷдоди мо.
Бо ҳама эъҷозкориҳову
Кашфи беназир,
Аршиёнро ром карда
Сеҳри истеъдоди мо.

### ЧИСТОН

Дидам мурғи оҳанин,
Ҷон надорад, мепарад,